# БЮЛЛЕТЕНИ

## КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# БЮЛЛЕТЕНЬ

## ВЫСШЕЙ АТТЕСТАЦИОННОЙ КОМИССИИ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**2017(2)**

**БЮЛЛЕТЕН АЗ СОЛИ 2017 НАШР МЕШАВАД.**

**БЮЛЛЕТЕН ДАР ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 12.12.2016 ТАҲТИ № 0260/МҶ САБТИ НОМ ШУДААСТ.**
**БЮЛЛЕТЕН ДАР ЯК СОЛ 4 МАРОТИБА ЧОП МЕШАВАД.**

**Сармуҳаррир:**

***Розиқзода А.Ш.*** – доктори илмҳои таърих, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муовини сармуҳаррир:**

***Комилиён Ф.С.*** – доктори илмҳои физикаю математика, профессор, муовини раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Котиби масъул:**

***Халилов Ш.Б.*** – номзади илмҳои физикаю математика, котиби илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя:**

***Бозоров Ш.*** – номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, байторӣ, фарматсевтӣ ва аграрии КОА

***Сайёдов И.Д.*** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии КОА

***Шамсиддинов А.Ҷ.*** – номзади илмҳои химия, и.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникии КОА

**Масъули чоп:**

***Шарифов Ҷ.***

# МУНДАРИҶА

Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқи аъзои ҳайати Раёсати Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ……..5

Распоряжение Президента Республики Таджикистан Об утверждении членов состава Президиума Государственного учреждения «Высшая аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан»……………………………………… 6

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)…………………………………………………7

1.Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ………………………………7

2. Тартиби додани унвони илмӣ (дотсент, профессор) …………39

Порядок присвоения ученых степеней и присуждения ученых званий (доцента, профессора)……………………………………..57

1.Порядок присвоения ученых степеней…………………………..57

2.Порядок присуждения ученых званий (доцента, профессора)..88

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос ва Стандарти давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос аз 25 феврали соли 2017 № 93……………………………………………………………107

Низомномаи докторантура аз рӯйи ихтисос…………………… 108

Таснифоти намунавии самт ва ихтисосҳои докторантура аз рӯйи ихтисос ……………………………………………………………122.

Постановление Правительство Республики Таджикистан О Положении о докторантуре по специальности и Государственном стандарте докторантуры по специальности от 25 февраля 2017 года №93………………………………………………………...131

Положение о докторантуре по специальности…………………132

Примерный классификатор направлений и специальностей докторантуры по специальности…………………………………147

Стандарти давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос…..156.
Государственный стандарт докторантуры по специальности171

**АМРИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**РАСПОРЯЖЕНИЕ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Розиқзода Абдулҳакими Шералӣ (Раиси Раёсат), Комилиён Файзалӣ Саъдулло, Халилов Шавкат Бобоевич, Ибодов Ҳабибулло, Маҳмадёров Усмон Мамурович, Кобулиев Зайналобуддин ва Зиёев Хуршедҷон Махшулович аъзои ҳайати Раёсати Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
15 март соли 2017
№ АП-846

**АМРИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**РАСПОРЯЖЕНИЕ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Утвердить Розикзода Абдулхакими Шерали (Председателем Президиума), Комилиён Файзали Саъдулло, Халилова Шавката Бобоевича, Ибодова Хабибуло, Махмадёрова Усмона Мамуровича, Кобулиева Зайналобуддина и Зиёева Хуршедджона Махшуловича членами состава Президиума Государственного учреждения «Высшей аттестатционной комиссии при Президенте Республики Таджикистан».

Президент
Республики Таджикистан Эмомали Рахмон

г. Душанбе
15 март 2017 года
№ РП-846

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 26 ноябри соли 2016,
№505

# ТАРТИБИ
# ДОДАНИ ДАРАҶАҲОИ ИЛМӢ ВА УНВОНИ ИЛМӢ(ДОТСЕНТ,ПРОФЕССОР)

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ(дотсент, профессор) (минбаъд – Тартиб) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шуда, тартиби пешниҳод ва баррасии парвандаҳои аттестатсионӣ, додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, маҳрум (барқарор) кардани дараҷа ва унвонҳои илмӣ, баррасии шикоятномаҳо, тартиби арзишёбии (нострификация) ҳуҷҷатҳо оиба дараҷа ва унвонҳои илмии дар давлатҳои хориҷӣ додашуда ва дигар масъалаҳои танзими давлатии аттестатсияи кормандони илмӣ, аз ҷумла кормандони баландихтисоси илмӣ - омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба танзим медарорад.

## 1. ТАРТИБИ ДОДАНИ ДАРАҶАҲОИ ИЛМӢ

### §1. Муқаррароти умумӣ

1. Барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ шахсони зерин роҳ дода мешаванд:

- барои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос - шахсоне, ки барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ-омӯзгориро дар докторантура аз рӯйи ихтисоси мутобиқ ба ихтисосҳои илмӣ аз худ намуда, тибқи феҳристи ихтисосҳои илмӣ диссертатсия омода кардаанд;
- барои номзади илм - шахсоне, ки барномаи тайёркунии кадрҳои илмӣ-омӯзгориро дар аспирантура (адъюнктура) ё ҳамчун унвонҷӯй ё мустақилона аз рӯйи ихтисоси мутобиқ ба ихтисосҳои илмӣ аз худ намуда, тибқи феҳристи ихтисосҳои илмӣ диссертатсия омода кардаанд;

- барои доктори илм - шахсоне, ки дар докторантура ё ҳамчун унвонҷӯй ё мустақилона тибқи феҳристи ихтисосҳои илмӣ ва мувофиқи Низомномаи тасдиқшуда аз рӯйи ихтисоси мутобиқ ба ихтисосҳои илмӣ диссертатсия омода кардаанд.

2. Мутобиқати самтҳои тайёркунии кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ дар докторантура аз рӯйи ихтисос, аспирантура (адъюнктура), докторантура ва диссертатсияҳои аз рӯйи ин ихтисосҳо омодашуда бо ихтисосҳои илмии дар феҳрист пешбинишуда аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КОА) муқаррар мегардад.

3. Ба шахсони зерин иҷозат дода мешавад, ки довталаби дарёфти дараҷаҳои илмӣ шаванд:

- барои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос - шахсоне, ки дипломи дараҷаи магистр (ё аз рӯйи ихтисосҳои тиббӣ-ҳуҷҷати хатми резидентура, ординатура ва ё баъди хатми интернатура 3 сол собиқаи корӣ, ба истиснои ихтисосҳои тибби назариявӣ) доранд, имтиҳонҳои комплексии муқарраршударо супоридаанд ва муассисае, ки дар он барномаи докторантура аз рӯйи ихтисосро азхуд кардаанд, ба диссертатсияи омоданамудаи онҳо хулосаи мусбат додааст;

- барои номзади илм - шахсоне, ки дипломи дараҷаи мутахассис ё магистр (ё аз рӯйи ихтисосҳои тиббӣ - ҳуҷҷати хатми резидентура ординатура ва ё баъди хатми интернатура 3 сол собиқаи корӣ, ба истиснои ихтисосҳои тибби назариявӣ) доранд, имтиҳонҳои номзадиро тибқи номгӯй ва Барномаи намунавӣ мутобиқи тартиби муқаррашуда, ки Низомнома тасдиқ кардааст, бомуваффақият супоридаанд ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё илмӣ ба диссертатсияи омоданамудаи онҳо хулосаи мусбат додаанд;

- барои доктори илм - шахсоне, ки дипломи номзади илм доранд ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё илмӣ ба диссертатсияи омоданамудаи онҳо хулосаи мусбат додаанд.

4. КОА метавонад дар бораи бекор кардани қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ қарор қабул намояд. Баррасии диссертатсия дар КОА аз ҷониби комиссияи ташхис амалӣ мегардад.

5. Шӯроҳои диссертатсионӣ барои воқеъбинона ва асоснок будани қарорҳои қабулшаванда ҳангоми муайян намудани мутобиқати диссертатсияҳо бо меъёрҳои Тартиби мазкур муқарраркарда, ки бояд ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ бошанд, инчунин, барои риояи тартиби пешниҳод ба

ҳимоя ва ҳимояи диссертатсия, ки ҳамин Тартиб муқаррар кардааст, масъулият доранд.

6. Талабот ба муассисаҳое, ки дар назди онҳо шӯроҳои диссертатсионӣ метавонанд таъсис шаванд, талабот нисбат ба номзадҳо ба аъзои шӯроҳои диссертатсионӣ ва тартиби таъсиси шӯроҳои диссертатсионӣ мутобиқи Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, муайян карда мешавад.

7. Дипломи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм дар асоси дархостномаи шӯрои диссертатсионӣ аз ҷониби КОА бо имзои раиси КОА дода мешавад. Намунаи дипломҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, талаботи техникӣ нисбат ба чунин ҳуҷҷатҳо, барасмиятдарорӣ ва тартиби додани онҳоро КОА муайян менамояд.

8. Омода намудани диссертатсия ба ҳимоя, қабул ба ҳимоя ва ҳимояи он, омодасозӣ ва баррасии маводи дигари дорои маълумоти сирри давлатӣ, иттилооти дигаре, ки пешниҳоди онҳо бо асноди қонунгузорӣ маҳдуд ё манъ шудааст, инчунин, баррасии ин гуна мавод аз тарафи шӯрои ташхис ва раёсати КОА бо тартиби муқарраргардида дар асоси қонунгузории мавҷуда амалӣ мегардад.

9. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ доранд, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ (минбаъд - шаҳрвандони хориҷӣ), ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан иқомат мекунанд, бо забони давлатӣ ё забони русӣ ва ё бо забони англисӣ диссертатсияро омода ва ҳимоя мекунанд. Диссертатсияҳои шаҳрвандони хориҷӣ барои ҳимоя бо меъёрҳои дар ҳамин Тартиб муқарраргардида, ки ҳолатҳои зеринро пешбинӣ менамоянд, қабул карда мешаванд:

- шаҳрвандони хориҷӣ, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомат доранд, ҳуқуқ доранд, диссертатсияро дар асоси шартномаҳои бо муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда, ки дар назди он шӯроҳои диссертатсионӣ амал мекунанд, ҳимоя намоянд;

- шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан иқомат доранд, дар асоси шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байни шахсони номбурда-шахсони довталаби дарёфти дараҷаҳои илмӣ ва муассисаи таҳсилотии олии касбӣ ва илмӣ басташуда диссертатсияро омода ва

ҳимоя мекунанд;

- агар шахс, ҳамзамон бо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандии давлати хориҷӣ ва ё якчанд давлатҳои хориҷиро дошта бошад, чунин шахс барои дастрасӣ ба ҳадафҳои Тартиби мазкур шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мегардад.

## § 2. Меъёрҳое, ки ба онҳо бояд диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ бошанд

10. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос бояд кори илмӣ-тахассусие бошад, ки он фарогири масоили барои рушди соҳаи дахлдори дониш аҳамиятдошта бошад ё дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи техникӣ, технологӣ ва ғайра, ки барои рушди кишвар аҳамияти муҳим доранд, дарҷ шуда бошад.

11. Диссертатсия бояд аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шавад, ягонагии дохилӣ дошта бошад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда бошад ва дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат диҳад. Дар диссертатсияе, ки ҷанбаи амалӣ дорад, бояд маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва дар диссертатсияҳое, ки ҷанбаи назариявӣ доранд, тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шаванд. Роҳи ҳалли пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия бояд асоснок ва дар муқоиса бо роҳҳои ҳалли дигари маъмул баҳои сазовор гирифта бошад.

12. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия бояд дар нашрияҳои илмии тақризшаванда (минбаъд - нашрияҳои тақризшаванда) чоп шуда бошанд.

13. Талабот нисбат ба нашрияҳои илмии тақризшаванда ва қоидаҳои ташаккули онҳо бо тартиби огоҳкунии феҳристи онҳо аз тарафи КОА муқаррар карда мешавад. Феҳристи нашрияҳои тақризшаванда дар сомонаи расмии КОА дар шабакаи иттилоотӣ-телекоммуникатсионии «Интернет» ҷой дода мешавад.

14. Теъдоди маводи чопшуда, ки дар онҳо натиҷаҳои илмии диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи ватанию хориҷӣ инъикос шудаанд, чунин аст:

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос - на камтар аз 3 мақола; маърӯзаҳои расмӣ на камтар дар ду конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ;

на камтар аз як амали ҷорикунӣ дар истеҳсолот, патентҳо ё пешпатенткунонӣ барои ихтироот аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ;

- барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм - дар соҳаҳои санъатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, илмҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва илмҳои гуманитарӣ: на камтар аз 3 мақола; дар соҳаҳои дигар на камтар аз 2 мақола;

- барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм - дар соҳаҳои санъатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва илмҳои гуманитарӣ: на камтар аз 15 мақола; дар соҳаҳои дигар на камтар аз 10 мақола.

15. Ба маводи чопшуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дарҷ мегардад, патентҳо барои ихтироот, гувоҳнома (патент)-ҳо барои амсилаи муфид, патентҳо барои намунаи саноатӣ, патенти дастовардҳои селексионӣ, шаҳодатномаҳо барои барномаҳои мошинҳои ҳисоббарорӣ, махзани маълумот, топологияи микросхемаҳои интегралии тибқи тартиби муқарраршуда сабтгардида баробар карда мешаванд.

16. Шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ уҳдадор аст, ки дар диссертатсия ба муаллиф ва (ё) манбаи иқтибоси мавод ва натиҷаҳои алоҳида ишора намояд. Ҳангоми дар диссертатсия истифода гардидани натиҷаҳои корҳои илмие, ки шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ шахсан ва (ё) дар ҳаммуаллифӣ иҷро намудааст, уҳдадор аст, ки ҳолати мазкурро дар диссертатсия зикр намояд.

## § 3. Пешниҳод ва ҳимояи диссертатсияҳо

17. Шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ диссертатсияро дар шакли чопӣ бо ҳуқуқи дастнавис пешниҳод менамояд. Диссертатсия мутобиқ бо талаботи муқаррарнамудаи КОА ба расмият даровarda мешавад.

18. Диссертатсия ба шӯрои диссертатсионӣ бо забони давлатӣ, забони русӣ ва ё забони англисӣ пешниҳод мешавад. Автореферат бояд дар шакли саҳифабандишуда пешниҳод гардад ва аннотатсияи мавзуъ дар он бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ оварда шавад. Дар ҳолати ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод кардани диссертатсия бо забони русӣ ё забони англисӣ автореферати он бояд ба забони давлатӣ тарҷума шуда бошад.

19. Ҳимояи диссертатсия бо забони давлатӣ, забони русӣ ё забони англисӣ баргузор мегардад (дар мавриди зарурӣ шӯрои

диссертатсионӣ тарҷумаи ҳамзамонро таъмин менамояд).

20. Муассисае, ки дар он ҷо диссертатсия иҷро шудааст, ба диссертатсия хулоса медиҳад, хулоса аз тарафи роҳбар ё бо супориши роҳбар аз тарафи муовини ӯ имзо карда мешавад. Дар хулоса иштироки шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар кори ба даст овардани натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷгардида, дараҷаи муътамадии натиҷаҳои таҳқиқоти илмии аз тарафи шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ иҷрогардида, навгонӣ ва аҳамияти амалии онҳо, арзишмандии корҳои илмии шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ихтисоси илмӣ, ки ба он диссертатсия мутобиқ аст, мукаммалии дарҷи маводи диссертатсия дар асарҳои чопнамудаи шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ нишон дода мешаванд. Тартиби омода кардани хулоса ва додани он ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ҳамчун иқдоми хусусии муассиса муайян карда мешавад.

21. Шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ҳуқуқ дорад, ки диссертатсияро барои ҳимоя ба дилхоҳ шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намояд. Дар ин ҳолат ихтисоси илмие, ки диссертатсия аз рӯйи он иҷро шудааст, бояд ба ихтисоси илмӣ ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионие, ки аз тарафи КОА ҳуқуқи баргузории ҳимояи диссертатсияҳо вогузор гардидааст, мутобиқ бошад.

22. Ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ки роҳбар ё муовини роҳбари муассиса мебошад, пешниҳод кардани ҳимояи диссертатсия дар шӯроҳои диссертатсионии дар назди ҳамин муассиса таъсисшуда манъ аст. Ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ки роҳбари мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ мебошад, инчунин, ба хизматчии давлатӣ, ки кори иҷронамудаи ӯ боиси ба миён омадани низои манфиатҳо гардида, имкони таъсиррасонӣ ба қарори қабулшаванда оид ба масъалаи аттестатсияи илмии давлатиро дорад, пешниҳод кардани диссертатсия барои ҳимоя дар шӯроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои дар тобеияти мақомоти мазкурбуда, манъ аст.

23. Шӯрои диссертатсионӣ уҳдадор аст, ки диссертатсияро барои баррасии муқаддамотӣ дар сурати вуҷуд доштани хулосаи мусбати муассисае, ки дар он диссертатсия иҷро шудааст ва ҳуҷҷатҳои дар феҳристи КОА пешбинишуда, инчунин, ба шарте, ки шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ матни комили диссертатсияро тибқи гоҳшуморӣ (хронометраж) дар шабакаи “Интернет” дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои

диссертатсионӣ таъсис гардидааст, ҷой дода бошад, қабул намояд. Тартиби дар шабакаи «Интернет» ҷой додани иттилооти барои таъмини тартиби додани дараҷаҳои илмӣ зарурбуда, ки дар ҳамин банд, инчунин дар бандҳои 21, 26, 28, 30, 37, 40, 52, 65, 79 и 88 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст, аз тарафи КОА муқаррар мегардад. Шӯрои диссертатсионӣ барои шиносоии муқаддамотӣ бо диссертатсия комиссия таъсис медиҳад, ки ба ҳайати он на кам аз 3 аъзои шӯрои диссертатсионӣ шомил гардида, онҳо мутахассиси масъалаҳои ҳар як ихтисоси илмии диссертатсияи ҳимояшаванда бошанд (минбаъд – комиссияи шӯрои диссертатсионӣ).

24. Ба ҳайати комиссияи шӯрои диссертатсионӣ тибқи қарори шӯрои диссертатсионӣ метавонанд мутахассисони соҳаи дахлдори илм шомил шаванд, ки аъзои шӯрои диссертатсионӣ набошанд (аз ҷумла кормандони муассисае бошанд, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис шудааст). Ин гуна мутахассисон бояд ба талаботи номзад ба узвияти шӯрои диссертатсионӣ мутобиқат намоянд. Комиссияи мазкур ба шӯрои диссертатсионӣ хулоса оид ба мутобиқати мавзӯъ ва мазмуни диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шӯрои диссертатсионӣ барои ба ҳимоя қабул кардани диссертатсия иҷозат дода шудааст, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсия дар асарҳои аз тарафи довталабони дараҷаҳои илмӣ чопгардида, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба чопи натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, ки дар бандҳои 8 ва 10 Тартиби мазкур пешбинӣ шудаанд ва оид ба риояи талаботи банди 11 дар ҳамин Тартиб муқаррааргардида пешниҳод менамояд. Тартиби баррасии муқаддамотии диссертатсия аз тарафи шӯрои диссертатсионӣ тибқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муқаррар карда мешавад.

25. Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии муқаддамотии диссертатсия бо дарназардошти хулосаи комиссияи шӯрои диссертатсионӣ, шӯрои диссертатсионӣ диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илмро барои ҳимоя дар муддати 2 моҳ аз рӯзи аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба шӯрои диссертатсионӣ супоридани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ё ба довталаби дараҷаи илмии доктори илм дар муддати 3 моҳ аз рӯзи супоридани ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ қарори асоснокшудаи радкунии қабули диссертатсияро дар мухлатҳои зикршуда барои ҳимоя ирсол менамояд. Қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба қабули диссертатсия барои ҳимоя ё радкунии

он дар шабакаи «Интернет» дар сомонаи расмии муассисае, ки дар заминаи он шӯрои диссертатсионӣ таъсис шудааст, ҷой дода мешавад.

26. Дар ҳолати аз тарафи шӯрои диссертатсионӣ қабул гардидани қарор оид ба радкунии диссертатсия барои ҳимоя дар муддати 5 рӯз аз рӯзи баргузор шудани ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ, ки дар он қарори дахлдор қабул шудааст, матни диссертатсия аз шабакаи «Интернет» аз сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, бартараф карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қарор оид ба радкунии қабули диссертатсия барои ҳимоя ба риоя нашудани талаботи дар банди 11 ҳамин Тартиб муқарраргардида марбут аст ва (ё) дар диссертатсия мавҷуд будани маълумоти ғайрисаҳеҳ дар бораи корҳои аз тарафи довталабони дараҷаҳои илмӣ чопгардида, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дарҷ шудаанд. Чунин диссертатсия дар шабакаи «Интернет» дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст ва дар он диссертатсия баррасии муқаддамотиро гузаштааст, ба мӯҳлати 10 сол бо нишон додани сабаби радкунии диссертатсия барои ҳимоя ҷой дода мешавад.

27. Асосҳои радкунии қабули диссертатсия барои ҳимоя чунинанд:

- номутобиқатии довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи зарурӣ ҷиҳати иҷозат додани диссертатсияи он барои ҳимоя, ки дар банди 1 Тартиби мазкур нишон дода шудааст;

- номутобиқати мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шӯрои диссертатсионӣ ҳуқуқи қабули диссертатсия барои ҳимоя вогузор гардидааст, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар банди 88 Тартиби мазкур пешбинӣ шудааст.

- иҷро нашудани талабот нисбат ба интишори натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, ки дар бандҳои 8 ва 11 ҳамин Тартиб пешбинӣ шудааст;

- дар диссертатсия истифода намудани мавод бидуни ишора ба муаллиф ва (ё) манбаи иқтибос ва натиҷаҳои корҳои илмии иҷрошуда аз тарафи довталабони дараҷаҳои илмӣ дар ҳаммуаллифӣ бидуни ишора ба ҳаммуаллифон;

- аз тарафи довталабони дараҷаи илмӣ пешниҳод гардидани маълумоти номуътамад оид ба корҳои чопнамудаи онҳо, ки натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дарҷ шудаанд;

- пешниҳод гардидани диссертатсия аз тарафи шахсе, ки мутобиқи банди 22 ҳамин Тартиб барои ӯ ҳимоя кардани диссертатсия дар ҳамин шӯрои диссертатсионӣ манъ мебошад.

28. Дар ҳолате ки мавзӯи диссертатсия якчанд ихтисосро дар бар гирифта, на аз руйи ҳамаи онҳо ба шӯрои диссертатсионӣ ҳуқуқи баргузории ҳимояи диссертатсияҳо вогузор шуда бошад, шӯрои диссертатсионӣ метавонад оид ба баргузор намудани ҳимояи чунин диссертатсия аз рӯйи ихтисосҳое, ки ба вай ҳуқуқи баргузории ҳимояи диссертатсияҳо бо ҷалби мутахассисони соҳаи дахлдори илми аъзои ин шӯрои диссертатсионинабуда дода шудааст, қарор қабул намояд. Ин гуна мутахассисон бояд ба талаботи номзад ба узвияти шӯрои диссертатсионӣ мутобиқ бошанд.

29. Тартиби ташкили ҳайати шӯрои диссертатсионӣ барои баргузории ҳимояи якдафъаина тибқи талаботи Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ муқаррар карда мешавад.

30. Ҳангоми қабули диссертатсия барои ҳимоя шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияро аз ҷумлаи донишмандони босалоҳияти самтҳои дахлдори илм, ки асарҳои чопшуда дар самти дахлдори таҳқиқот доранд ва ба пешниҳод ҷавоби мусбат додаанд (минбаъд – муқарризон), таъйин мешаванд.

31. Аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва (ё) номзади илм ду муқарризе, ки яке аз онҳо бояд доктори илм ё дорои дараҷаи илмии дарёфтшуда дар давлати хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст ва ба дорандаи он ҳамон ҳуқуқи академӣ ва (ё) тахассусии доктори илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шудааст ва дигаре доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ё дорои дараҷаи илмии дар давлати хориҷӣ дарёфтшуда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст ва ба ӯ ҳамон ҳуқуқи академӣ ва (ё) тахассусии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, таъйин карда мешавад. Аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм се муқарриз, ки ҳамаи онҳо бояд доктори илм ё дорои дараҷаи илмии дарёфташуда дар давлати хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст ва ба онҳо ҳамон ҳуқуқи академӣ ва (ё) тахассусии доктори илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, таъйин карда мешавад.

32. Хизматчии давлатие, ки иҷрои кори он боиси низои манфиатҳо гардида, метавонад ба қабули қарорҳо оид ба

масъалаҳои аттестатсияи давлатии илмӣ таъсир расонад, аъзои КОА, аъзои шӯрои ташхис, роҳбари илмии (мушовири илмӣ) довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ҳаммуаллифи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи корҳои чопшуда оид ба мавзӯи диссертатсия, инчунин, корманди (аз ҷумла ҳамкори) муассисае, ки дар он ҷо роҳбари илмӣ ё мушовири илмии ӯ кор мекунад ва дар ҷое, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотие гузаронида мешавад, ки аз рӯйи онҳо довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ роҳбар ё корманди муассиса – фармоишгар ё иҷрокунанда (ҳамиҷрокунанада) мебошад, муқарриз шуда наметавонад. Дар ҳолати амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ муқарризон бояд кормандони муассисаҳои гуногун бошанд.

33. Муқарриз дар асоси омӯзиши диссертатсия ва корҳои чопшуда оид ба мавзӯи диссертатсия ба шӯрои диссертатсионӣ тақризи хаттӣ ба диссертатсия пешниҳод менамояд, ки дар он аҳамияти мавзӯи интихобшуда, дараҷаи асоснокии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, муътамадӣ ва навгонии онҳо, инчунин, оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои дар Тартиби мазкур муқарраргардида хулоса медиҳад. Имзои муқарриз дар тақриз бо тартиби муқарраршуда аз рӯйи қонун тасдиқ карда мешавад. Нусхаҳои асли тақризҳои муқарризон ба диссертатсия на дертар аз 15 рӯз то санаи ҳимоя аз тарафи муқарризон ба шӯрои диссертатсионӣ супорида мешавад ва нусхаи тақризҳо дар шӯрои диссертатсионӣ ба довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ на дертар аз 10 рӯз то санаи ҳимоя супурда мешавад.

34. Дар ҳолати мутобиқат накардани тақризи муқарриз ба талаботи нишондодашуда шӯрои диссертатсионӣ то баргузории ҳимоя муқарризро иваз мекунад, дар ин ҳолат санаи ҳимояи диссертатсия ба муҳлати на беш аз 6 моҳ дертар гузаронида мешавад.

35. Маълумот дар бораи муқарризон ва тақризҳои онҳо ба диссертатсия дар шабакаи «Интернет» дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, на дертар аз 10 рӯз пеш аз санаи ҳимояи диссертатсия ҷой дода мешавад.

36. Ҳангоми барои ҳимоя қабул намудани диссертатсия Шӯрои диссертатсионӣ муассисаеро (бо ризоияти он) таъйин мекунад, ки бо дастовардҳои худ дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян

намояд (минбаъд – муассисаи пешбар) ва ин муассиса ба Шӯрои диссертатсионӣ оид ба диссертатсия тақриз пешниҳод мекунад. Муассисаи пешбар наметавонад муассисае бошад, ки дар он шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, роҳбари илмии (мушовири илмии) шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ кор мекунад, инчунин, муассисае, ки дар он ҷо корҳои илмӣ-таҳқиқотие ҷараён дорад, ки аз рӯйи онҳо шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ роҳбар ё корманди муассисаи фармоишгар ё иҷрокунанда (ҳамиҷрокунанада) мебошад.

37. Дар тақризи муассисаи пешбар ба диссертатсия аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи муаллифи диссертатсия барои рушди соҳаи дахлдори илм инъикос меёбад. Дар тақриз ба диссертатсияе, ки дорои ҷанбаи (хусусияти) амалӣ дорад, бояд тавсияҳои мушаххас оид ба истифодаи натиҷаҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда вуҷуд дошта бошад. Тақризи муассисаи пешбар ба диссертатсия аз тарафи роҳбар (муовини роҳбар) дар асоси хулосаи воҳиди сохтории ҳамин муассиса, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти илмӣ - таҳқиқотии он ба мавзӯи диссертатсия мутобиқ мебошад, аз рӯйи натиҷаҳои баррасии диссертатсия дар ҷаласаи он тасдиқ карда мешавад. Имзои роҳбари муассисаи пешбар бо муҳри ҳамин муассиса тасдиқ карда мешавад.

38. Нусхаи асли тақриз ба диссертатсияро муассисаи пешбар ба шӯрои диссертатсионӣ на дертар аз 15 рӯз то санаи ҳимояи диссертатсия ирсол мекунад. Нусхаи тақризро шӯрои диссертатсионӣ ба шахсони довталаби дарёфти дараҷаҳои илмӣ на дертар аз 10 рӯз то санаи ҳимояи диссертатсия месупорад. Дар ҳолати мутобиқат накардани тақризи муассисаи пешбар ба талаботи нишондодашуда шӯрои диссертатсионӣ то баргузории ҳимоя муассисаи пешбарро иваз мекунад. Дар ин ҳолат санаи ҳимояи диссертатсия ба муҳлати на беш аз 6 моҳ дертар гузаронида мешавад. Маълумот дар бораи муассисаи пешбар ва тақризи он ба диссертатсия дар шабакаи «Интернет» дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, на дертар аз 10 рӯз пеш аз санаи ҳимоя ҷой дода мешавад.

39. Аз рӯйи диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ва номзади илм, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, дар ҳаҷми то 1 ҷузъи муаллифӣ (барои ихтисосҳои гуманитарӣ то 1,5 ҷузъи муаллифӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм дар ҳаҷми 2 ҷузъи муаллифӣ (барои ихтисосҳои гуманитарӣ то 2,5 ҷузъи муаллифӣ) автореферат

бо ҳуқуқи дастнавис ба чоп расонида мешавад. Дар автореферати диссертатсия андешаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия, саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомшуда, маълумот дар бораи муассисае, ки дар он диссертатсия ба иҷро расидааст, оид ба муқарризон ва муассисаи пешбар, роҳбарони илмӣ ва мушовирони илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ (дар ҳолати вуҷуд доштан), феҳристи асарҳои чопшудаи муаллифи диссертатсия, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия инъикос ёфтаанд, дарҷ мегардад.

40. Автореферати диссертатсия ба аъзои шӯрои диссертатсионӣ, ки дар ҳимояи диссертатсия иштирок мекунанд ва ба муассисаҳои манфиатдор на дертар аз як моҳ то рӯзи ҳимояи диссертатсия ирсол мешавад. Феҳристи муассисаҳоеро, ки ба онҳо автореферати диссертатсия ба таври ҳатмӣ ирсол мегардад, Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муайян мекунад. Суроғаҳои дигарро, ки ба онҳо фиристодани автореферат зарур аст, шӯрои диссертатсионии ин диссертатсияро барои ҳимоя қабулнамуда муайян мекунад.

41. Ҳангоми барои ҳимоя қабул намудани диссертатсия шӯрои диссертатсионӣ на дертар аз 3 моҳ то санаи ҳимоя ба КОА барои ҷой додан дар шабакаи «Интернет» дар сомонаи расмии КОА матни эълонро пешниҳод менамояд, ки дар он насаб, ном, номи падари довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ, номи мавзӯи диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодгардида, рамзҳо ва номгӯи ихтисосҳои илмӣ ва соҳаҳои илм (мутобиқи феҳрист), ки аз рӯйи онҳо диссертатсия омода карда шудааст, ном ва суроғаи муассисае, ки дар назди он ҳамин шӯрои диссертатсионӣ таъсис шудааст, ишора (истинод) ба сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис шудааст, ки дар он аз ҷониби довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ матни комили диссертатсия ва санаи пешбинишудаи ҳимоя (минбаъд – эълони ҳимоя), инчунин, тақризҳои роҳбарони илмӣ ё мушовирони илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаҳои илмӣ (дар ҳолати будан) ва автореферати диссертатсия ҷой дода мешавад.

42. Матни комили диссертатсия барои шиносоӣ аз рӯйи ишораи (истиноди) зикршуда барои ҳар гуна шахсон то гузаштани 7 моҳ аз санаи ҳимояи диссертатсия, ки дар эълони ҳимоя нишон дода шудааст, бояд дастрас бошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки КОА оид ба бекор кардани қарори дахлдори шӯрои диссертатсионӣ оид ба

додани дараҷаи илмӣ ва ё радкунии додани дипломи дараҷаи илмӣ дар робита бо риоя нашудани талаботи муқаррарнамудаи банди 11 Тартиби мазкур ва (ё) дар диссертатсия вуҷуд доштани маълумоти ғайрисаҳеҳ оид ба корҳои чопшудаи шахсони довталаби дарёфти дараҷаҳои илмӣ, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дарҷ гардидаанд. Чунин диссертатсия ба муҳлати 10 сол аз рӯзи қабул шудани қарори дахлдори КОА дар шабакаи "Интернет" дар сомонаи расмии муассисае, ки дар заминаи он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, ҳимояи он баргузор гардидааст, бо нишон додани сабаби аз тарафи КОА қабул шудани чунин қарор ҷой дода мешавад. Эълони ҳимоя бояд дар муҳлати 5 моҳ аз рӯзи таъйиншудаи ҳимояи диссертатсия барои ҳар як шахс дастрас бошад.

43. Ба китобхонаи муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис шудааст ва диссертатсияро барои ҳимоя кабул намудааст, на дертар аз 3 моҳ то санаи ҳимояи диссертатсия як нусха диссертатсияи барои ҳимоя қабулшуда ва ду нусха автореферати диссертатсияи зикршуда, супорида мешавад, ки дар он ҷо ба ҳуқуқи дастнавис нигаҳдорӣ мегардад.

44. Тақризҳои ба диссертатсия ва автореферати диссертатсия воридшуда дар шабакаи "Интернет" дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, диссертатсияро барои ҳимоя қабул кардааст, на дертар аз 10 рӯз то санаи ҳимояи диссертатсия ҷой дода мешаванд. Дар тақриз насаб, ном, номи падари шахси ба ҳамин диссертатсия (автореферати диссертатсия) тақриз пешниҳоднамуда, суроғаи почта, рақами телефон (агар бошад), суроғаи почтаи электронӣ (агар бошад), номи муассисае, ки ҳамин шахс корманди он мебошад ва вазифаи ӯ дар ин муассиса (дар ҳолате, ки агар шахси тақризро ба ҳамин диссертатсия (автореферати диссертатсия) пешниҳоднамуда кор кунад) нишон дода мешавад. Агар дар тақриз ба диссертатсия насаб, ном, номи падари шахси пешниҳодкунандаи тақриз ба ҳамин диссертатсия (автореферати диссертатсия), суроғаи почтаи ӯ мавҷуд набошад, алфози қабеҳ ва ибораҳои таҳқиромез вуҷуд дошта бошад, хондани ин ё он қисмати матни тақриз ба диссертатсия (автореферати диссертатсия) имконпазир набошад, чунин тақриз дар шабакаи "Интернет" дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, диссертатсияро барои ҳимоя қабул кардааст, ҷой дода намешавад. Тақриз ба

диссертатсия (автореферати диссертатсия) метавонад ба муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, хаттӣ (дар шакли чопӣ) ё дар шакли электронӣ ба шарти истифодаи имзои электронӣ ирсол шавад.

45. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ҳангоми мавҷуд будани тақризҳои манфӣ барои баргузории ҳимояи диссертатсия ҳуқуқ дорад.

46. Ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ дар сурати дар кори он на кам аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои диссертатсионӣ иштирок доштан босалоҳият ҳисобида мешавад. Ҳангоми ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ё номзади илм дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ иштироки на камтар аз 2 нафар доктори илм ва барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм на камтар аз 3 нафар доктори илм, ки мутахассисон оид ба проблемаҳои ихтисоси илмии диссертатсияи ҳимояшаванда мебошанд, зарур аст. Қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба масъалаи додани дараҷаи илмӣ мусбат ҳисоб мешавад, агар ба тарафдории он на кам аз се ду ҳиссаи аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз дода бошанд.

47. Ҳимояи ошкор бояд хусусияти мунозираи илмӣ дошта, дар шароити серталабӣ, ҷиддият ва риояи одоби илмӣ баргузор гардад, дар ин ҳол муътамад ва асоснок будани ҳамаи натиҷагириҳо ва тавсияҳои ҷанбаи назариявӣ ва амалидоштаи муҳтавои диссертатсия бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад. Дар ҷараёни ҳимояи диссертатсия ҳузури шахсони довталаби дарёфти дараҷаҳои илмӣ ҳатмӣ аст, шахсони дигар низ ба тартиби муқарраргардида аз ҳуқуқи ҳузур доштан бархурдор мебошанд.

48. Муқарризон вазифадоранд, ки дар ҷаласаи ҳимояи диссертатсия ҳузур дошта бошанд. Шӯрои диссертатсионӣ метавонад оид ба баргузории ҳимояи диссертатсия дар ҳолати ҳузур надоштани яке аз муқарризон бо сабаби узрнок (вазъи саломатӣ, рухсатӣ, сафари хизматӣ ва дигар сабабҳое, ки шӯрои диссертатсионӣ узрнок эътироф менамояд), ки ба диссертатсия тақризи мусбат додааст, қарор қабул намояд. Дар ин ҳолат дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ тақризи муқарризи ҳузурнадошта пурра қироат карда мешавад. Дар ҳимояи диссертатсия аз рӯйи қарори шӯрои диссертатсионӣ ҳузури як муқарриз оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар реҷаи фосилавии

интерактивӣ (бо сабаби саломатӣ, дар ҳолатҳои дар рухсатӣ, сафари хизматӣ будан ва мавҷудияти сабабҳои дигар, ки аз тарафи шӯрои диссертатсионӣ сабаби узрнок эътироф шудааст) ба шарти тамоси аудиовизуалӣ бо иштироккунандагони ҷаласа имконпазир аст. Ҳангоми ҳозир набудани муқарризе, ки ба диссертатсия тақризи манфӣ додааст, ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ ба муҳлати на бештар аз 6 моҳ мавқуф гузошта мешавад. Муқарризи дар ҷаласа такроран ҳозирнашуда иваз карда мешавад.

49. Баъд аз ҳимояи диссертатсия шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ овоздиҳии пинҳонӣ мегузаронад. Барои ҳисоб кардани овозҳо бо овоздиҳии ошкор бо аксарияти овози аъзои шӯрои диссертатсионӣ, ки дар ҷаласа иштирок доранд, комиссияи ҳисоб дар ҳайати на камтар аз 3 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ интихоб карда мешавад. Тартиби баргузории ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ бо шумули тартиби овоздиҳӣ ва кори комиссияи ҳисобро Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ муқаррар мекунад.

50. Дар хулосаи шӯрои диссертатсионӣ натиҷаҳои овоздиҳӣ оид ба диссертатсия оварда мешаванд. Ҳангоми натиҷаи мусбати овоздиҳӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ шӯрои диссертатсионӣ бо овоздиҳии ошкор хулосаи шӯрои диссертатсиониро оид ба диссертатсия қабул мекунад, ки дар он муҳимтарин натиҷаҳои илмии шахсан бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, баҳодиҳии эътимоднокӣ, навгонӣ ва аҳамияти онҳо барои назария ва амалия, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия нишон дода мешавад. Инчунин, нишон дода мешавад, ки тибқи кадом талаботи банди 8 Тартиби мазкур ба диссертатсия баҳогузорӣ карда шудааст. Дар хулоса таъйини муқарризон ва муассисаи пешбар асоснок карда мешавад.

51. Хулосаи шӯрои диссертатсиониро раис ё бо супориши ӯ муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ имзо мекунанд. Имзои шахсони номбурда бо муҳри муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис ёфтааст, тасдиқ карда мешавад. Нусхаи хулосаи шӯрои диссертатсионӣ ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар муддати 1 моҳ аз рӯзи ҳимояи диссертатсия супорида мешавад.

52. Ҳангоми қабули қарори мусбат аз рӯйи натиҷаҳои ҳимояи диссертатсия шӯрои диссертатсионӣ дар мудати 30 рӯз аз санаи ҳимояи диссертатсия ба КОА нусхаи якуми парвандаи

аттестатсиониро ирсол мекунад. Нусхаи дувуми парвандаи аттестатсионӣ ҳамроҳ бо нусхаи диссертатсия дар муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис гардида. дар он ҳимояи диссертатсия баргузор шудааст, ба муҳлати 10 сол нигаҳдорӣ мешавад.

53. Шӯрои диссертатсионӣ ба КОА дар бораи қабули қарори манфӣ аз рӯйи натиҷаҳои ҳимояи диссертатсия дар муддати 30 рӯз аз санаи қабули чунин қарор иттилоъ медиҳад. Дар ҳолати иштироки як ё якчанд муқарризон дар ҳимояи диссертатсия аз рӯйи реҷаи фосилавии интерактивӣ ба ҳар ду нусхаи парвандаи аттестатсионӣ пайнавис (стенограмма)-и дахлдор шомил карда мешавад. Ҳангоми қарори манфӣ оид ба натиҷаҳои ҳимояи диссертатсия нусхаи якуми парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия дар муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, дар он ҳимояи диссертатсия баргузор шудааст, ба муҳлати 10 сол нигаҳдорӣ мегардад.

54. Барасмиятдарории парвандаи аттестатсионӣ тибқи тартиби дар Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муқарраршуда баргузор мешавад. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ҳуқуқ дорад, ки бо маводи парвандаи аттестатсионии худ шинос шавад.

55. Тартиби ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ баргардонидани ҳуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ барои ҳимояи диссертатсия пешниҳодшуда ҳангоми қабули қарори манфии шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи натиҷаҳои ҳимояи диссертатсия ва феҳристи ҳуҷҷатҳои ба КОА ирсолшаванда дар асоси муқаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муайян карда мешавад. Диссертатсияе, ки аз рӯйи натиҷаи ҳимояи он шӯрои диссертатсионӣ қарори манфӣ қабул кардааст, метавонад дар шакли азнавкоркардашуда барои ҳимояи такрорӣ на пештар аз 1 сол баъд аз рӯзи қабул шудани чунин қарор пешниҳод гардад, ба истисноu ҳолате, ки дар банди 12 Тартиби мазкур пешбинӣ гардидааст. Ҳангоми ҳимояи такрории чунин диссертатсия, муқарризон ва муассисаи пешбар иваз карда мешаванд. Қоидаи мазкур ба ҳолатҳое, ки қарори манфии шӯрои диссертатсионӣ бо риоя нашудани талаботи дар банди 11 Тартиби мазкур муқарраргардида ва (ё) дар диссертатсия мавҷуд будани маълумоти номуътамад оид ба асарҳои илмии аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ чопшуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии

диссертатсия дарҷ гардидаанд, дахл надорад. Ба ҳимояи такрории чунин диссертатсия роҳ дода намешавад.

56. Маълумот оид ба натиҷаҳои ҳимояи ошкори диссертатсия дар шӯрои диссертатсионӣ дар шабакаи «Интернет» дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, ҳимояи диссертатсияи номбурда баргузор шудааст, дар муддати 10 рӯз аз санаи ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ оид ба масъалаи дахлдор ҷой дода мешавад. КОА дар сомонаи расмии худ дар шабакаи «Интернет» иттилоот оид ба қарорҳои манфии қабулшудаи шӯрои диссертатсиониро дар муддати 10 рӯз аз санаи ба даст овардани иттилооти дахлдор аз шӯроҳои диссертатсионӣ ҷой медиҳад.

57. Дархостномаи шӯрои диссертатсионӣ ва диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ мутобиқи бандҳои 42 ва 47 Тартиби мазкур баррасӣ мегардад.

58. Нусхаи ҳатмии диссертатсия дар шакли хаттӣ ва электронӣ (барои диссертатсияҳое, ки аз рӯйи натиҷаҳои ҳимояи онҳо қарори манфӣ қабул шудааст, фақат дар шакли электронӣ) тибқи тартиби муқарраршуда ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

59. Шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ҳуқуқ дорад, ки диссертатсияро аз баррасӣ дар шӯрои диссертатсионӣ то қабули қарори шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи масъалаҳои додани дараҷаи илмӣ бозхонд намояд. Қоидаи мазкур ба ҳолатҳои риоя нашудани талаботи дар банди 12 Тартиби мазкур муқарраршуда ва ё дар диссертатсия мавҷуд будани маълумоти номуътамад оид ба асарҳои илмии аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ чопшуда, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дарҷ гардидаанд, дахл надорад. Чунин диссертатсия аз баррасии шӯрои диссертатсионӣ бе ҳуқуқи ҳимояи такрорӣ бардошта мешавад ва дар шабакаи «Интернет» дар сомонаи расмии муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, дар он ҳимояи диссертатсия баргузор шудааст, ба муҳлати 10 сол аз санаи қабули қарори дахлдори КОА нигоҳдорӣ мешавад. Дар асоси аризаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба бозхонди диссертатсия аз баррасӣ, шӯрои диссертатсионӣ диссертатсияи мазкурро ба ғайр аз ҳолатҳои зикршуда аз баррасӣ мебардорад. Баъди аз баррасӣ бардошта шудани диссертатсия аз рӯйи аризаи хаттии шахси довталаби

дарёфти дараҷаи илмӣ, он метавонад барои ҳимоя тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур пешниҳод гардад.

### § 4. Аз тарафи КОА баррасӣ шудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ ва парвандаҳои аттестатсионӣ

60. КОА баъд аз дарёфти парвандаи аттетстатсионӣ ва инчунин, диссертатсия дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур парвандаи аттестатсиониро дар мавриди мутобиқат ба талаботи барасмиятдарории парвандаҳои аттестатсионӣ, инчунин, дар мавриди мутобиқат ба тартиби пешниҳод барои ҳимоя ва ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии дар Тартиби мазкур муқарраршуда мавриди санҷиш қарор медиҳад. Агар ҳангоми санҷиши парвандаи аттестатсионӣ вайрон шудани талаботи барасмиятдарории парвандаҳои аттестатсионӣ ошкор гардида бошад, КОА парвандаи аттестатсиониро бидуни баррасӣ ба шӯрои диссертатсионӣ барои такмил додани он бармегардонад.

61. Шӯрои диссертатсионӣ вазифадор аст, ки камбудиҳои ошкоршударо дар муддати 1 моҳ аз рӯзи дарёфти қарори дахлдори КОА ислоҳ намояд. Дар ин ҳолат, мӯҳлати қабули қарори шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи масъалаи додани дараҷаи илмӣ аз рӯзи ба КОА воридшавии парвандаи аттестатсионии такмилёфта ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ошкор шудани далели вайронкунии тартиби ба ҳимоя пешниҳод намудан ва ҳимояи диссертатсия, ки дар Тартиби мазкур муқаррар шудааст, КОА оид ба бекор намудани қарори шӯрои диссертатсионӣ дар бораи додани дараҷаи илмӣ ва рад кардани додани диплом қарор қабул мекунад.

62. Ҳангоми набудани камбудиҳо дар тартиби пешниҳод намудан ва ҳимояи диссертатсия, парвандаи аттестатсионии ба талаботи дахлдор мутобиқбуда ҳамроҳ бо матни диссертатсия ба шӯрои диссертатсионӣ супорида мешавад. Ҳангоми воридшавии диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ ва воридшавии дархостномаи шӯрои диссертатсионии мутобиқи банди 57 Тартиби мазкур ирсолшуда, КОА парвандаи аттестатсионӣ ва матни диссертатсияро барои омода намудани хулоса аз рӯйи дархостнома дар ихтиёри шӯрои ташхис мегузорад.

63. Барои қабули қарор дар бораи ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ додани дараҷаи илмӣ ё бекор кардани қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ ва дар бораи рад кардани қарор оид ба додани диплом, КОА дар асоси хулосаи

асосноки шӯрои ташхис аз шӯрои диссертатсионӣ матни диссертатсияро дар ҳолатҳои зерин дархост менамояд, агар:

- муқарриз ё муассисаи пешбар ба диссертатсия тақризи манфӣ пешниҳод карда бошанд;

- тақризи манфӣ ба диссертатсия ё авторефератро муассисае пешниҳод намуда бошад, ки автореферати диссертатсия мутобиқи Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ ба он ҳатман ирсол мегардад;

- аз маводи парвандаи аттестатсионӣ маълум гардад, ки ҳангоми овоздиҳӣ дар шӯрои диссертатсионӣ камтар аз 2/3 ҳиссаи аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа ҳозирбуда ба тарафдории додани дараҷаи илмӣ овоз додаанд;

- зарур бошад, ки саҳми муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда, дараҷаи навгонӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, риояи талаботи дар банди 11 Тартиби мазкур муқарраршуда мавриди санҷиш қарор дода шавад.

64. КОА ҳуқуқ дорад, ки матни диссертатсияро ба баррасии шӯрои ташхис диҳад, агар ариза дар бораи беасосии додани дараҷаи илмӣ аз тарафи шӯрои диссертатсионӣ дар робита бо мутобиқат надоштани диссертатсия ба меъёрҳое, ки ба онҳо бояд диссертатсия ҷавобгӯ бошад, ворид гардида бошад.

65. Ариза дар бораи беасос дода шудани дараҷаи илмӣ бояд дорои муҳтавои зерин бошад:

- номи муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис шудааст, қарор оид ба додани дараҷаи илмӣ ба довталаби дарёфти дараҷаи илмро қабул кардааст ва рамзи шӯрои диссертатсионии номбурда;

- насаб, ном, номи падари шахси воқеие, ки дар бораи беасосии додани дараҷаи илмӣ ариза додааст, ё ном, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқии чунин аризаро пешниҳодкарда, инчунин, рақами телефон (телефонҳо)-и тамос (агар бошанд), суроға (суроғаҳо)-и почтаи электронӣ (агар бошад) ва суроғае, ки ба он маълумот оид ба ҷараён ва натиҷаҳои баррасии ариза ирсол мегардад;

- далелҳое, ки дар асоси онҳо шахси дар бораи беасосии ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ додани дараҷаи илмӣ ариза пешниҳоднамуда ба қарори шӯрои диссертатсионӣ норозӣ мебошад (бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи далелҳои номбурда).

66. Шӯрои ташхис парвандаи аттестатсиониро дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур, инчунин, диссертатсияро барои

дарёфти дараҷаи илмӣ баррасӣ менамояд ва дар бораи мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур хулоса медиҳад. Ҳангоми баррасии дархостномаи шӯрои диссертатсионӣ, ки мутобиқи банди 57 Тартиби мазкур ворид гардидааст, шӯрои ташхис ба парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсияи шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ хулоса пешниҳод мекунад. Дар ин ҳолат дар ҷаласаи шӯрои ташхис шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ даъват карда мешавад. Дар ҳолати додани хулосаи манфӣ аз рӯйи дархостномаи шӯрои аттестатсионӣ шӯрои ташхис тибқи тартиби муқаррарнамудаи Тартиби мазкур хулоса оид ба натиҷаҳои баррасии парвандаи аттестатсиониро барои додани дараҷаи илмӣ омода менамояд.

67. Барои қабули қарор дар бораи ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ додани дипломи дараҷаи илмӣ ё оид ба бекор кардани қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ ва дар хусуси радкунии додани диплом КОА дар асоси хулосаи шӯрои ташхис ҳуқуқ дорад, ки аз шӯрои диссертатсионӣ асарҳои чопшудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмиро ҷиҳати тадқиқи натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмиро, ки талабот ба онҳо дар бандҳои 8 ва 10 Тартиби мазкур муқаррар шудааст, дархост намояд.

68. Парвандаи аттестатсионӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Тартиби мазкур, инчунин, диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ ва хулосаи шӯрои ташхис барои баррасӣ ба КОА пешниҳод мегардад. Ҳангоми ихтилофи ақидаҳо дар шӯрои ташхис, ки хулоса оид ба диссертатсияро додааст ва шӯрои диссертатсионӣ, ки дар он ҳимояи диссертатсия баргузор шудааст, КОА бо тавсияи комиссияи ташхис метавонад диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмиро ҳамроҳ бо парвандаи аттестатсионӣ барои хулосаи иловагӣ ба шӯрои дигари диссертатсионӣ ирсол намояд. Тартиби баргузории ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ ҳангоми баррасии диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ, ки барои хулосаи иловагӣ ирсол шудааст, тибқи Низомномаи намунавии шӯрои диссертатсионӣ муқаррар мегардад.

69. Ҳангоми мавҷуд будани хулосаи манфии шӯрои ташхис довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ баъди гирифтани хулосаи иловагӣ оид ба диссертатсия (дар ҳолате, ки агар диссертатсия ба хулосаи иловагӣ ирсол шуда бошад) на кам аз 10 рӯз то санаи баргузории

ҷаласа барои тасдиқи иҷрои мустақилонаи диссертатсия, таҳқиқи натиҷаҳои илмии муҳтавои он, инчунин, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм ба ҷаласаи КОА даъват карда мешавад. Дар ин ҳолат ба ҷаласаи КОА метавонад раис ё муовини раиси шӯрои диссертатсионие, ки дар он ҳимояи диссертатсия баргузор шудааст, муқарризон, роҳбарони илмӣ (мушовирони илмӣ)-и довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, инчунин, аъзои шӯрои ташхис ва мутахассисони пешбари соҳаи дахлдори илм, ки ба талаботи аъзои шӯроҳои ташхис мутобиқат мекунанд ва дар комиссияи ташхис ҳуқуқи овоздиҳии машваратиро доранд, даъват карда шаванд. Дар ҳолати ҳозир нашудани довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ комиссияи ташхис ҷаласаро аз рӯйи ин масъала ба вақти дигар мегузаронад. Шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ на кам аз 10 рӯз пештар аз рӯзи ҷаласа ба ҷаласаи такрории КОА даъват карда мешавад. Дар ҳолати такроран ҳозир нашудани шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ диссертатсия дар набудани ӯ баррасӣ карда мешавад. КОА аз рӯйи ҷамъбасти ҷаласаи барпошуда тавсияномаро оид ба диссертатсия қабул мекунад. Нусхаи тавсияномаи КОА ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ тибқи дархости ӯ дар муддати 1 моҳ аз рӯзи муроҷиат дода мешавад.

70. Хулоса ва тавсияномаи комиссияи ташхис ба КОА пешниҳод мегардад. КОА оид ба додани дараҷаи илмӣ ё дар бораи бекор кардани қарори дахлдори шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ ва радкунии додани диплом қарор қабул мекунад.

71. Ҳангоми баррасии дархостномаи шӯрои диссертатсионӣ мутобиқи банди 57 Тартиби мазкур КОА дар сурати мавҷуд будани хулосаи мусбати шӯрои ташхис ва аз рӯйи тавсияи комиссияи ташхис ба шӯрои диссертатсионӣ иҷозат медиҳад, ки ҷаласа оид ба масъалаи ба шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ додани дараҷаи илмиро баргузор намуда, шӯрои диссертатсиониро оид ба қарори мазкур дар муддати 7 рӯз баъд аз санаи қабули он огоҳ намояд. Дар ин ҳолат ҳимояи такрории диссертатсия баргузор карда намешавад. Тартиби баргузории ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ дар ин ҳолат аз рӯйи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муқаррар мегардад.

72. Фармоиши КОА дар бораи додани дараҷаи илмӣ ё бекор кардани қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ дар сомонаи расмии КОА дар шабакаи "Интернет"ҷой дода мешавад. Дар ин ҳолат, ҳамчунин автореферат, иттилоот дар бораи

роҳбарони илмӣ (мушовирони илмӣ)-и довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, аъзои комиссияи шӯрои диссертатсионӣ, ки хулоса оид ба қабули диссертатсияи шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмии мазкурро барои ҳимоя имзо намудаанд, раиси ин шӯрои диссертатсионӣ, муқарризоне, ки ба диссертатсия тақриз додаанд, шахси тасдиқнамудаи хулосаи муассисае, ки дар он диссертатсия омода гардидааст, шахси тасдиқнамудаи тақризи муассисаи пешбар ба диссертатсия, инчунин, оид ба муассисаи пешбари ин тақризро пешниҳоднамуда ҷой дода мешавад.

73. Шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ҳуқуқ дорад, ки диссертатсияро аз баррасии КОА пеш аз қабули қарори КОА дар бораи додан ё радкунии додани диплом бозхонд намояд. Дар асоси аризаи хаттии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба бозхонди диссертатсия КОА дар бораи аз баррасӣ бардоштани диссертатсияи зикршуда қарор қабул мекунад, парвандаи аттестатсиониро бармегардонад ва инчунин, дар ҳолатҳои дар Тартиби мазкур муқарраргардида диссертатсияро низ ба шӯрои диссертатсионӣ ирсол менамояд. Баъди қабули қарори дахлдор мумкин аст, ки диссертатсия тибқи муқаррароти Тартиби мазкур барои ҳимоя пешниҳод гардад.

74. Мӯҳлати аз тарафи КОА қабул шудани қарор дар бораи додани дараҷаи илмӣ наметавонад аз 4 моҳ аз рӯзи воридшавии парвандаи диссертатсионӣ ба КОА зиёдтар бошад. Дар ҳолати ирсол намудани диссертатсия ва парвандаи диссертатсионӣ барои хулосаи иловагӣ мӯҳлати зикршуда метавонад то 7 моҳ тамдид карда шавад. Қарорро дар бораи тамдиди мӯҳлатҳои зикршуда роҳбари воҳиди сохтории КОА, ки вазифаи аттестатсияи давлатии илмиро таъмин менамояд, қабул мекунад. Баррасии масъалаи додани дипломи дараҷаи илмӣ дар ҳолати пешбинишудаи банди 67 Тартиби мазкур мавқуф гузошта мешавад.

75. Нусхаи диссертатсияи дар КОА мавҷудбуда бо қайд оид ба додан ё радкунии додани дипломи дараҷаи илмӣ дар муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, дар он ҳимояи диссертатсия баргузор шудааст, нигоҳдорӣ мешавад.

### § 5. Баррасии шикоятномаҳо доир ба қарори шӯрои диссертатсионӣ

76. Доир ба қарори шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи масъалаи

додани дараҷаи илмӣ, муассиса, шахси довталаби дараҷаи илмӣ ё шахси дигар метавонад ба КОА дар муддати 2 моҳ аз рӯзи қабули чунин қарор аз тарафи шӯрои диссертатсионӣ дар хусуси вайронкунии тартиби пешниҳод ба ҳимоя ва ҳимояи диссертатсия, ки Тартиби мазкур муқаррар кардааст, шикоятнома пешниҳод кунад. КОА баъди дарёфти шикоятнома тартиби баррасии масъала оид ба додани дипломро то қабули қарор аз рӯйи ҳамин шикоятнома мавқуф мегузорад.

77. Дар шикоятнома нишон дода мешавад:

- номи муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис гардида, доир ба қарори он шикоятнома дода шудааст, рамзи шӯрои диссертатсионии номбурда дар рӯзи аз тарафи он қабул шудани қарори дахлдор;

- насаб, ном, номи падари шахси воқеӣ, ки шикоятнома додааст, ном, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқии шикоятномадода, инчунин, рақамҳои телефони тамос (дар ҳолати мавҷуд будан), суроға (суроғаҳо)-и почтаи электронӣ ва суроғаи почта, ки ба онҳо бояд маълумот оид ба ҷараён ва натиҷаҳои баррасии шикоятнома ирсол гардад;

- маълумот оид ба қарори мавриди эътироз қароргирифтаи шӯрои диссертатсионӣ дар бобати вайронкунии тартиби пешниҳод барои ҳимоя ва ҳимояи диссертатсия (санаи қабули қарори номбурда, насаб, ном, номи падари шахсе, ки нисбат ба ӯ қарор қабул шудааст);

- талаботи бандҳои Тартиби мазкур, ки аз тарафи шӯрои диссертатсионӣ ҳангоми қабули қарор оид ба додани дараҷаи илмӣ вайрон карда шудаанд.

78. Шикоятномаро шахси воқеии шикоятномадода имзо мекунад ё роҳбар (муовини роҳбар)-и шахси ҳуқуқии шикоятномадода имзо карда, бо муҳри шахси ҳуқуқии номбурда тасдиқ карда мешавад. Шикоятнома ба КОА бо далелҳои ирсолшудаи нусхаи шикоятнома ба муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис гардидааст ва нисбат ба қарори қабулкардаи он шикоятнома дода шудааст, ирсол мегардад. Шикоятнома метавонад ба КОА дар коғаз ба таври хаттӣ ё дар шакли электронӣ бо шарти истифодаи имзои электронӣ ирсол гардад.

79. Шикоятнома дар чунин ҳолатҳо баррасӣ намегардад:

- дар шикоятнома набудани насаб, ном, номи падар, суроғаи

почта, имзои шахси воқеии шикоятномадода ё номи маҳалли ҷойгиршавии он, суроғаи почта, имзои роҳбар (муовини роҳбар), муҳри шахси ҳуқуқии шикоятномадода;

- имконнопазир будани хондани шикоятнома;

- дар муҳтавои шикоятнома мавҷуд будани алфози қабеҳ ва ибораҳои таҳқиромез. Дар ҳолатҳои зикршуда ба суроғаи шахси шикоятномадода (ҳангоми дар шикоятнома вуҷуд доштани суроғаи почта ва имконпазир будани хондани он) оид ба радкунии баррасии шикоятнома бо нишон додани сабабҳои радкунӣ дар мудатти 30 рӯз аз санаи воридшавии шикоятнома огоҳинома ирсол мегардад.

80. КОА ба шӯрои диссертатсионие, ки нисбат ба қарори он шикоятнома пешниҳод шудааст, дар бораи воридшавии шикоятнома бо замимаи матни он огоҳинома ирсол мекунад. Шӯрои диссертатсионӣ на дертар аз 2 моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома ба КОА инҳоро ирсол мекунад:

- хулосаи шӯрои диссертатсионӣ дар бораи натиҷаҳои баррасии шикоятнома;

- пайнавис (стенограмма)-и ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ, ки дар он шикоятнома баррасӣ гардида, бо имзои раискунандаи ҷаласа ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ ва бо муҳри муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст, тасдиқ гардидааст.

81. Агар фаъолияти шӯрои диссертатсионии нисбат ба қарори он шикоятнома додашуда боздошт ё қатъ гардида бошад, ҷавоб ба шикоятномаро муассисае омода менамояд, ки дар назди он шӯрои диссертатсионии номбурда фаъолият доштааст. Тақриз ба шикоятнома, ки роҳбар ба он имзо гузоштааст, бо гузоштани муҳри муассиса ба КОА на дертар аз 2 моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома ирсол мегардад.

82. Шикоятнома ва маводи воридшудаи вобаста ба онро КОА ба шӯрои ташхис медиҳад.

83. КОА дар асоси хулосаи шӯрои ташхис ҳуқуқ дорад, ки аз шӯрои диссертатсионӣ маълумоти иловагӣ оид ба баргузории расмиёти пешниҳод ба ҳимоя ва ҳимояи диссертатсияро, ки дар хусуси он шикоятнома ворид шудааст, маводи заруриро барои баррасии масъала дар бораи аз тарафи КОА қабул шудани қарор оид ба шикоятнома дархост намояд. Шахси шикоятномадода ва довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ҷаласаи шӯрои ташхис на камтар аз 10 рӯз пеш аз рӯзи баргузории ҷаласа даъват мешаванд.

Дар ҳолати ҳозир нашудани онҳо шӯрои ташхис ҷаласаи худро аз рӯйи ин масъала ба вақти дигар мегузаронад. Шахсони номбурда на кам аз 10 рӯз пеш аз ҷаласа ба ҷаласаи такрории шӯрои ташхис даъват карда мешаванд.

84. Дар ҳолати такроран ҳозир нашудани шахси шикоятномадода ва (ё) шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ шикоятнома дар набудани онҳо баррасӣ мегардад. Аз рӯйи натиҷаҳои ҷаласаи баргузоршуда шӯрои ташхис хулоса оид ба шикоятномаро қабул менамояд, ки бо дарназардошти он КОА тавсия оид ба шикоятномаро қабул мекунад.

85. Хулосаи комиссияи ташхис оид ба шикоятнома ба КОА пешниҳод мегардад ва КОА бо мазмуни зайл қарор қабул мекунад:

- дар бораи қонеъ намудани шикоятнома ва бекор кардани қарори шӯрои диссертатсионӣ;

- дар бораи рад кардани шикоятнома ва додани дипломи дараҷаи илмӣ.

86. Муҳлати аз тарафи КОА қабул намудани қарор оид ба шикоятнома бояд аз 3 моҳ аз рӯзи ба КОА воридшавии маводи дар банди 78 Тартиби мазкур пешбинишуда зиёд набошад. Муҳлати мазкур дар ҳолати дархости маълумоти иловагии барои баррасии шикоятнома зарурбуда метавонад аз тарафи КОА тамдид карда шавад. Қарор оид ба тамдиди муҳлати номбурдаро роҳбари воҳиди сохтории КОА, ки вазифаи аттестатсияи давлатии илмиро таъмин мекунад, қабул менамояд.

87. Қарори КОА оид ба шикоятнома дар муддати 10 рӯз аз санаи қабул шудани он дар сомонаи расмии КОА дар шабакаи «Интернет» ҷой дода шуда, нусха аз ин қарор ба шахси шикоятномадода, инчунин, ба шӯрои диссертатсионие, ки шикоятномаи мазкурро баррасӣ кардааст, ирсол мегардад. Дар ин маврид, иттилоот дар бораи роҳбарони илмӣ (мушовирони илмӣ)-и шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, ки нисбат ба ӯ қарор оид ба шикоятнома қабул шудааст, аъзои комиссияи шӯрои диссертатсионие, ки хулоса дар бораи қабули диссертатсияи шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмиро барои ҳимоя имзо кардааст, раиси ин шӯрои диссертатсионӣ, муқарризоне, ки ба ин диссертатсия тақриз навиштаанд, шахсе, ки хулосаи муассисаеро, ки дар назди он диссертатсия омода шудааст, имзо кардааст, шахсе, ки тақризи муассисаи пешбарро ба ин диссертатсия имзо кардааст, инчунин, дар бораи муассисаи пешбаре, ки ин тақризро додааст, ҷой дода мешавад.

88. Дар ҳолати аз тарафи КОА қабул шудани қарор дар бораи қонеъ гардонидани шикоятнома ва бекор кардани қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ диссертатсия метавонад такроран барои ҳимоя аз тарафи шахси довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Тартиби мазкур пешниҳод карда шавад.

## § 6. Маҳрум кардани дараҷаҳои илмӣ

89. Шахсоне, ки ба онҳо дараҷаҳои илмӣ бо вайронкунии меъёрҳои муқаррарнамудаи бандҳои 8-11 Тартиби мазкур дода шудаанд, метавонанд бо қарори КОА аз дараҷаи илмӣ маҳрум карда шаванд.

90. Ариза дар бораи маҳрум кардани дараҷаи илмиро шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқӣ метавонад ба КОА ба таври хаттӣ ё дар шакли электронӣ дар муддати 10 рӯз аз санаи қабули қарори шӯрои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмӣ диҳад.

91. Дар ариза дар бораи маҳрум кардани дараҷаи илмӣ маълумоти зерин зикр мегардад:

- номи муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис ёфтааст ва дар асоси қарори қабулнамудаи он дипломи дахлдор оид ба дараҷаи илмӣ дода шудааст, рамзи шӯрои диссертатсионии мазкур;
- насаб, ном, номи падари шахси воқеие, ки дар бораи маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ариза додааст ё ном, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқие, ки дар бораи маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ариза додааст, инчунин, рақами телефони тамос (агар мавҷуд бошад), суроға (суроғаҳо)-и почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад) ва суроғаи почта, ки ба онҳо бояд маълумот оид ба ҷараён ва натиҷаҳои баррасии ариза дар бораи маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ирсол карда шавад;
- маълумот дар бораи қарори шӯрои диссертатсионӣ, ки мавриди эътироз аст (санаи қабули қарор, насаб, ном, номи падари шахсе, ки ба ӯ дар асоси ин қарор дипломи дараҷаи илмӣ супурда шудааст);
- далелҳое, ки дар асоси онҳо шахси аризадода нисбат ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ бо қарори шӯрои диссертатсионӣ (бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далелҳои зикршуда) норозӣ мебошад.

92. Масъалаи маҳрум кардани дараҷаи илмӣ дар ҳолатҳои зерин

баррасӣ намешавад:

- мавҷуд будани қарори КОА аз рӯйи ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмии қаблан қабулкардашуда аз рӯйи ҳамон масъала;

- дар ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ набудани далелҳое, ки дар асоси онҳо шахси аризадиҳанда бо қарори шӯрои диссертатсионӣ норозӣ аст, инчунин набудани ҳуҷҷатҳое, ки далелҳои мазкурро тасдиқ мекунанд;

- дар ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмии додашуда аз тарафи шахсе, ки қаблан шикоятнома ва аризаро оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ аз рӯйи ҳамон масъала дода буд, набудани далелҳои дигар, ки дар асоси онҳо шахси аризадиҳанда оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ бо қарори шӯрои диссертатсионӣ норозӣ аст;

- дар ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ набудани насаб, ном, номи падар, суроғаи почта, имзои шахси воқеии аризадиҳанда ё номи маҳалли ҷойгиршавии он, суроғаи почта, имзои роҳбар (муовини роҳбар), муҳри шахси ҳуқуқии аризадиҳанда оид ба маҳрум кардани дараҷаи илм;

- имконнопазир будани хондани ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ;

- дар ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ вуҷуд доштани алфози қабеҳ ва ибораҳои таҳқиромез.

93. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи банди 92 Тартиби мазкур КОА ба суроғаи шахсе, ки ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмиро додааст (дар ҳолати дар ариза мавҷуд будани суроға ва имконпазир будани хондани он) огоҳинома оид ба рад кардани баррасии ариза бо зикр намудани сабаби радкунӣ дар муддати 30 рӯз аз санаи воридшавии ариза ирсол менамояд.

94. КОА ба шӯрои диссертатсионие, ки нисбат ба қарори он оид ба додани дараҷаи илмӣ ариза дода шудааст, инчунин, ба шахсе, ки дар хусуси ӯ ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ дода шудааст (дар сурати имконпазир будан), огоҳинома дар бораи воридшавии ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмиро ирсол менамояд. Шӯрои диссертатсионӣ на дертар аз 2 моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳинома ба КОА ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- хулосаи шӯрои диссертатсионӣ дар бораи натиҷаҳои баррасии ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ;

- пайнавис (стенограмма)-и ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ, ки дар он ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ баррасӣ шуда, аз тарафи раисикунандаи ҷаласа ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ ба имзо расида, бо муҳри муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис шуда аст, тасдиқ гардидааст. Тартиби баргузории ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи масъалаи баррасии ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмиро Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муқаррар менамояд.

95. Агар фаъолияти шӯрои диссертатсионие, ки дар хусуси қарори он оид ба додани дараҷаи илмӣ ариза дар бораи маҳрум кардани дараҷаи илмӣ дода шудааст, манъ ё қатъ шуда бошад, КОА ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмиро ҳамроҳ бо маводи парванда ба баррасии дигар шӯрои диссертатсионӣ ирсол менамояд.

96. Ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ва маводи аз рӯйи он воридшударо КОА ба шӯрои ташхис вогузор мекунад.

97. КОА дар асоси хулосаи шӯрои ташхис ҳуқуқ дорад, маълумотро оид ба мақолаҳои чопшуда, ки талабот ба онҳо дар бандҳои 11-13 Тартиби мазкур муқаррар гардидаанд ва маҳалли кори шахсеро, ки дар хусуси ӯ ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ дода шудааст ва барои баррасии аризаи мазкур заруранд, дархост намояд.

98. Хулосаи шӯрои ташхис, ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ва маводи дар ин хусус воридшуда ба КОА барои баррасӣ вогузор мегардад. Ҳангоми ихтилофи ақидаҳои шӯрои ташхис, ки ба ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ хулоса додааст ва шӯрои диссертатсионӣ, ки дар хусуси қарори он оид ба додани дараҷаи илмӣ ариза дода шудааст, аз рӯйи тавсияи комиссияи ташхис КОА метавонад ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ва маводи дар мавриди он воридшударо барои хулосаи иловагӣ ба дигар шӯрои диссертатсионӣ ирсол намояд.

99. Ҳангоми мавҷуд будани хулосаи шӯрои ташхис, ки дар он ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ дастгирӣ ёфтааст, шахси аризадиҳанда ва шахсе, ки нисбати ӯ ин ариза дода шудааст, ба ҷаласаи комиссияи ташхис на камтар аз 10 рӯз пеш аз рӯзи ҷаласа даъват карда мешаванд. Дар ҳолати ҳозир шудани яке аз шахсони зикршуда, ҷаласаи комиссияи ташхис баргузор мегардад. Ҳангоми ҳозир нашудани ҳар ду шахс комиссияи ташхис ҷаласаро оид ба ин

масъала ба вақти дигар мавқуф мегузорад. Шахсони зикршуда на кам аз 10 рӯз пеш аз рӯзи ҷаласа ба ҷаласаи такрории комиссияи ташхис даъват карда мешаванд. Дар ҳолати такроран ҳозир нашудани шахси аризадиҳанда оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ва (ё) шахсе, ки нисбат ба ӯ ин ариза дода шудааст, комиссияи ташхис масъаларо дар набудани онҳо баррасӣ менамояд. Баъд аз ҷамъбасти ҷаласаи баргузоршуда комиссияи ташхис хулосаро аз рӯйи ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ қабул мекунад.

100. Хулосаи шӯрои ташхис аз рӯйи ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ба КОА пешниҳод шуда, он яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:

- дар бораи маҳрум кардани дараҷаи илмӣ;
- дар бораи радкунии маҳрум кардани дараҷаи илмӣ.

101. Муҳлати қабули қарори КОА аз рӯйи ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ наметавонад аз рӯзи воридшавии ҳуҷҷатҳои дар банди 98 Тартиби мазкур пешбинигардида аз 6 моҳ зиёд бошад. Муҳлати зикршударо КОА метавонад дар ҳолати дархости маълумоти иловагии зарурӣ барои баррасии ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ ва маводи дар хусуси он воридшуда ба шӯрои диссертатсионии дигар барои хулосаи иловагӣ тамдид намояд. Қарор оид ба тамдиди муҳлати номбурдаро роҳбари воҳиди сохтории КОА, ки вазифаи аттестатсияи давлатии илмиро таъмин мекунад, қабул менамояд.

102. Қарори КОА дар бораи ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ дар муддати 10 рӯз аз санаи қабули он дар сомонаи расмии КОА дар шабакаи “Интернет” ҷой дода шуда, нусхаи ин қарор ба шахси аризадиҳанда оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ, ба шӯрои диссертатсионие, ки ин аризаро баррасӣ намудааст ва ба шахсе, ки нисбат ба ӯ қарори дахлдор (ҳангоми инконпазир будани ирсоли нусхаи мазкур ба ин шахс) қабул шудааст, ирсол мегардад. Дар ин ҳолат, инчунин, иттилоот дар бораи роҳбарони илмӣ (мушовирони илмӣ) - и шахсе, ки нисбат ба ӯ аз рӯйи ариза оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ қарор қабул карда шудааст, аъзои комиссияи шӯрои диссертатсионие, ки хулоса дар бораи қабули диссертатсияи шахсе, ки нисбат ба ӯ қарори қабулшуда ба ҳимояро имзо намудаанд, раиси ин шӯрои диссертатсионӣ, муқарризони ба диссертатсия тақриздода, шахсе, ки хулосаи муассисаеро, ки дар назди он диссертатсияи мазкур омода шудааст, тасдиқ намудааст, шахсе ки тақризи муассисаи пешбарро ба ин диссертатсия тасдиқ

кардааст, инчунин муассисаи пешбаре, ки ин тақризро додааст, низ ҷой дода мешавад.

## § 7. Барқарор кардани дараҷаҳои илмӣ

103. Дараҷаи илмӣ метавонад ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ барқарор карда шавад.

104. Ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ метавонад аз тарафи шахси воқеӣ ва ҳуқуқии дилхоҳ ба КОА дар шакли хаттӣ ё шакли электронӣ ба шарти истифодаи имзои электронӣ дода шавад. Аризаи мазкур метавонад дар вақти дилхоҳ баъди аз тарафи КОА қабул шудани қарор оид ба маҳрум кардани дараҷаи илмӣ дода шавад.

105. Дар ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ нишон дода мешаванд:

- номи муассисае, ки дар назди он шӯрои диссертатсионӣ таъсис дода шуда, қарори он оид ба додани дараҷаи илмӣ аз тарафи КОА бекор карда шудааст, рамзи шӯрои диссертатсионии мазкур;
- насаб, ном, номи падари (агар мавҷуд бошад) шахси аризадиҳанда оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ, ё ном, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқие, ки оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ ариза додааст, инчунин, рақами телефони тамос, суроға (суроғаҳои) почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад) ва суроғаи почта, ки ба онҳо бояд маълумот оид ба ҷараён ва натиҷаҳои баррасии ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ ирсол гардад;
- маълумот дар бораи қарори КОА, ки мавриди эътироз аст (санаи қабули қарори мазкур, насаб, ном, номи падари (агар мавҷуд бошад) шахсе, ки аз дараҷаи илмӣ маҳрум карда шудааст;
- далелҳое, ки дар асоси онҳо шахси аризадиҳанда оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ бо қарори КОА (бо замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далелҳои зикршуда) норозӣ мебошад.

106. Масъалаи барқарор кардани дараҷаи илмӣ дар ҳолатҳои зерин баррасӣ намегардад:

- додани ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ дар иртибот бо вайронкунии тартиби пешниҳод ба ҳимоя ва ҳимояи диссертатсия;
- дар ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ набудани далелҳое, ки дар асоси онҳо, шахси аризадиҳанда бо қарори шӯрои

диссертатсионӣ норозӣ аст, инчунин, набудани ҳуҷҷатҳое, ки далелҳои мазкурро тасдиқ мекунанд;

- мавҷуд будани қарори КОА аз рӯйи ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ, ки қаблан аз рӯйи худи ҳамин масъала дода шуда аст;

- дар аризаи додашуда оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ аз тарафи ҳамон шахсе, ки қаблан аризаро оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ аз рӯйи ҳамон масъала дода буд, набудани далелҳои дигаре, ки дар асоси онҳо шахси аризадода бо қарори КОА норозӣ мебошад;

- дар ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ набудани насаб, ном, номи падар, суроғаи почта, имзои шахси воқеии аризадода ё номи маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи почта, имзои роҳбар (муовини роҳбар), муҳри шахси ҳуқуқие, ки аризаро додааст;

- имконнопазир будани хондани матни ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ;

- дар ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ вуҷуд доштани алфози қабеҳ ва ибораҳои таҳқиромез.

107. Дар ҳолатҳои дар банди 106 Тартиби мазкур пешбинишуда КОА ба суроғаи шахсе, ки ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмиро додааст (дар ҳолати вуҷуд доштани суроғаи почта ва имконпазир будани хондани он), дар муддати 30 рӯз аз санаи воридшавии ариза огоҳинома оид ба рад шудани баррасии аризаро бо зикр намудани сабаби радкунӣ ирсол менамояд.

108. Ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ ва диссертатсия аз тарафи КОА ба шӯрои ташхис супурда мешавад.

109. КОА дар асоси хулосаи шӯрои ташхис ҳуқуқ дорад, дар бораи маводи чопшудае, ки талабот нисбат ба онҳо дар бандҳои 79(27) ва 81(67) Тартиби мазкур муқаррар гардидааст ва маҳалли кори шахсе, ки нисбат ба ӯ ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ дода шудааст, маълумотро барои баррасии аризаи мазкур дархост намояд.

110. Шахсе, ки оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ ариза додааст ва шахсе, ки нисбат ба ӯ ин ариза дода шудааст, ба ҷаласаи шӯрои ташхис на кам аз 10 рӯз пеш аз рӯзи ҷаласа даъват карда мешаванд. Дар ҳолати ҳозир шудани яке аз шахсони номбурда ҷаласаи шӯрои ташхис баргузор мегардад. Ҳангоми ҳозир нашудани ҳар ду шахс шӯрои ташхис ҷаласаро оид ба ин масъала ба

вақти дигар мегузаронад. Шахсони номбурда на камтар аз 10 рӯз пеш аз рӯзи ҷаласа ба ҷаласаи такрории шӯрои ташхис даъват карда мешаванд. Дар сурати такроран ҳозир нашудани шахси аризадода оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ ва ё шахсе, ки нисбат ба ӯ ин ариза дода шудааст, масъалаи барқарор кардани дараҷаи илмӣ дар шӯрои ташхис дар набудани онҳо баррасӣ мегардад. Аз рӯйи ҷамъбасти ҷаласаи баргузоршуда шӯрои ташхис хулоса қабул мекунад.

111. Хулосаи комиссияи ташхис аз рӯйи ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ ва тавсияи он ба КОА пешниҳод мешавад ва яке аз қарорҳои зерин қабул карда мешавад;

- дар бораи барқарор кардани дараҷаи илмӣ;
- дар бораи радкунии барқарор кардани дараҷаи илмӣ.

112. Муҳлати аз тарафи КОА қабул карда шудани қарор аз рӯйи ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ аз рӯзи ба КОА воридшавии ариза наметавонад аз 6 моҳ зиёд бошад. Муҳлати мазкур дар ҳолати дархости мавод ва маълумоти иловагӣ барои баррасии ариза метавонад аз тарафи КОА тамдид карда шавад. Қарори тамдиди муҳлати номбурдаро роҳбари воҳиди сохтории КОА, ки вазифаи аттестатсияи давлатии илмиро таъмин мекунад, қабул менамояд.

113. Қарори КОА аз рӯйи ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ дар муддати 10 рӯз аз рӯзи қабул шудани он дар сомонаи расмии КОА дар шабакаи “Интернет” ҷой дода шуда, нусхаи ин қарор ба суроғаи шахсе, ки ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмиро додааст ва шахсе, ки нисбат ба ӯ қарори дахлдор қабул карда шудааст (дар сурати имконпазир будани ирсоли нусхаи зикршуда ба ин шахс), ирсол карда мешавад. Дар ин ҳолат, инчунин, иттилоот дар бораи роҳбарони илмӣ (мушовирони илмӣ)-и шахсе, ки нисбат ба ӯ аз рӯйи ариза оид ба барқарор кардани дараҷаи илмӣ қарор қабул карда шудааст, аъзои комиссияи шӯрои диссертатсионие, ки хулоса дар бораи қабули диссертатсияи ҳамон шахсе, ки нисбат ба ӯ қарори қабулшуда ба ҳимояро имзо намудаанд, раиси ин шӯрои диссертатсионӣ, муқарризони ба диссертатсия тақриздода, шахсе, ки хулосаи муассисаеро, ки дар назди он диссертатсияи мазкур омода шудааст, тасдиқ намудааст, шахсе ки тақризи муассисаи пешбарро ба ин диссертатсия тасдиқ кардааст, инчунин, муассисаи пешбаре, ки ин тақризро додааст, низ ҷой дода мешавад.

# 2. ТАРТИБИ ДОДАНИ УНВОНИ ИЛМӢ (ДОТСЕНТ, ПРОФЕССОР)

## § 1. Муқаррароти умумӣ

114. Унвонҳои илмии дотсент ва профессор мутобиқи феҳристи ихтисосҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, дода мешаванд. Феҳристи ихтисосҳои кормандони илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шиноснома ва номгӯи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо унвони илмӣ дода мешаванд, аз тарафи КОА тасдиқ карда мешавад.

115. Унвони илмӣ ба шахсоне дода мешавад, ки фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ (илмӣ-таҳқиқотӣ)-ро дар муассисаҳо амалӣ намуда, дорои маҳорати баланди омӯзгорӣ, дониши амиқи тахассусӣ ва дастовардҳои илмӣ буда, инчунин, ба талаботи шахсони довталаби дарёфти унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошанд.

116. Унвони илмии додашударо шаҳодатнома оид ба додани унвони илмии дотсент ё профессор тасдиқ менамояд. Намунаи давлатии шаҳодатнома оид ба додани унвони илмӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад, талаботи техникӣ, тартиби барасмиятдарорӣ ва додани онро КОА муқаррар менамояд. Шаҳодатнома оид ба унвони илмӣ дар асоси қарори КОА дода мешавад.

117. Қарор дар бораи додани унвони илмии дотсент ё профессор аз рӯзи қабули он аз тарафи раёсати КОА эътибор пайдо мекунад.

118. Дар ҳолати мавҷуд будани сабабҳои узрнок, аз ҷумла ҳангоми адои хизмати муҳлатноки шахси довталаби дарёфти унвони илмӣ дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшунҳо ё ҷузъу томҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалб гардидани ӯ барои иҷрои дигар уҳдадориҳои давлатӣ, дар сафари хизматии тӯлонӣ будан ва ё дар муассисаи табобатӣ будани ӯ КОА ҳуқуқ дорад, ки ҷараёни муҳлатҳои дар ҳамин Тартиб пешбинишударо мавқуф гузорад.

119. Масъалаҳои дигари марбут бо додани унвонҳои илмиро, ки Тартиби мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос нанамудаанд, КОА бо тартиби муқаррargardida танзим менамояд.

## § 2. Меъёрҳои додани унвони илмӣ ва талабот нисбат ба шахси довталаби дарёфти унвони илмӣ аз рӯйи ихтисоси илмӣ

120. Унвони илмии дотсент ба корманди илмӣ ё илмӣ-омӯзгории довталаби дарёфти унвони илмӣ дода мешавад, агар довталаб дар рӯзи ба шӯрои муассиса пешниҳод кардани парвандаи аттестатсионӣ талаботи зеринро қонеъ намояд:

- маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва асарҳои илмии чопшуда дошта бошад, дарсҳои лексионӣ ё машғулиятҳои дигарро ба дараҷаи баланди тахассусӣ гузаронад;

- дараҷаи илмии доктори илм, номзади илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ё дараҷаи илмии дар давлати хориҷӣ дарёфтшуда дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, ба дорандаи он ҳамон ҳуқуқи академӣ ва (ё) тахассусии доктори илм, номзади илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос вогузор гардидаанд.

121. Унвони илмии дотсент ба онҳое дода мешавад, ки тибқи шартномаҳои меҳнатӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар вазифаҳои зерин кор мекунанд:

- декани факултет, мудири кафедра, дотсент, роҳбар ё ҷонишини роҳбари (оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, таълимӣ-методӣ) филиал ё пажӯҳишгоҳи ин муассиса, ректор, муовини аввали ректор, муовини ректор, сарходими илмӣ, ходими калони илмӣ, ходими хурди илмӣ ё мудир (сардори)-и шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмӣ (илмӣ - таҳқиқотӣ ё таҷрибавӣ-конструкторӣ);

- корманди муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ ва (ё) барномаи такмили ихтисос ва барномаи азнавтайёркунии тахассусӣ дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин, дар муассисаи таҳсилоти тахассусии иловагӣ, ки барномаи такмили ихтисос ва барномаи азнавтайёркунии тахассусиро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ мекунад;

- директор, муовини директор, сарходими илмӣ, ходими пешбари илмӣ, ходими калони илмӣ, мудир (сардор), муовини мудир (сардор)-и шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ё таҷрибавӣ – конструкторӣ, роҳбар ё муовини роҳбари (оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, таълимӣ-методӣ) филиали ин муассиса;

- корманди муассисаи илмии амаликунандаи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ ва (ё) барномаи такмили ихтисос ва барномаи азнавтайёркунии

тахассусӣ дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ;

- яке аз вазифаҳои зикршуда дар сархатҳои 2 ва 3 банди мазкур ё вазифаи сардори донишкада, сардори факултет, сардори кафедра ё муовини сардори кафедра ё вазифаи зикршуда дар феҳристи тасдиқшаванда аз тарафи роҳбари мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти иҷроия, ки дар он тибқи қонун хизмати ҳарбӣ ё дигар хизмати ба он баробаркардашуда пешбинӣ шудааст, аз тарафи мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи мақомоти корҳои дохилӣ мебошад ва ба яке аз вазифаҳои дар сархатҳои 2 ва 3 банди мазкур баробар карда шудааст;

- шахсоне, ки дар хизмати ҳарбӣ ва ё дар хизмати ба он баробаркардашуда аз рӯйи шартнома мебошанд. ва дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунанд.

122. Меъёрҳои додани унвони илмии дотсент аз инҳо иборат аст:

- доштани собиқаи бефосилаи кор (собиқаи хизмати бефосилаи ҳарбӣ ё дигар хизмати ба он баробаркардашуда аз рӯйи шартнома, хизмат дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба муддати на камтар аз 3 сол дар вазифаҳои дар банди 121 Тартиби мазкур зикршуда;

- амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (аз ҷумла дар шароити ҳамкор будан) аз руйи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ё таҳсилоти тахассусии иловагӣ аз рӯйи ихтисоси илмии дар парвандаи аттестатсионӣ зикршуда дар муассисае, ки ӯро барои дарёфти унвони илмӣ пешниҳод намудааст;

- доштани собиқаи фаъолияти илмӣ ва омӯзгорӣ на камтар аз 5 сол дар муассисаҳо, аз ҷумла, на камтар аз 3 сол собиқаи кори омӯзгорӣ аз рӯйи ихтисоси илмие, ки дар парвандаи аттестатсионӣ нишон дода шудааст;

- доштани на камтар аз 20 маводи таълимӣ, таълимӣ – методӣ ва асари илмии чопшуда (аз ҷумла бо ҳаммуаллифӣ) бо шумули патентҳо барои ихтироот ва дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар раванди таҳсилот истифода мешаванд. Зимнан, дар зарфи 5 соли охир бояд на камтар аз 2 маводи таълимӣ ва на камтар аз 3 асари илмӣ аз рӯйи ихтисосҳои илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда ба чоп расонида бошад (асарҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшаванда чоп шуда бошанд). Ба асарҳои илмии дорои маълумоти сирри давлатӣ ва дигар сирри аз рӯйи қонун ҳифзшаванда талаботи чопи онҳо дар нашрияҳои

тақризшаванда дахл надорад.

123. Унвони илмии профессор ба корманди илмӣ, илмӣ-омӯзгорӣ, ки барои дарёфти унвони илмӣ довталаб аст, дода мешавад, агар ӯ дар рӯзи пешниҳоди парвандаи аттестатсионӣ ба шӯрои муассиса талаботи зеринро қонеъ намояд:

- дараҷаи илмии доктори илм ё дараҷаи илмии дар давлати хориҷӣ дарёфтнамуда дошта бошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, ба дорандаи он ҳамон ҳуқуқи академӣ ва (ё) тахассусӣ вогузор гардидаанд, ки ба доктори илм тааллуқ дорад;

- маводи таълимӣ ва асарҳои илмии чопшуда дошта бошад, инчунин, дарсҳои лексиониро дар сатҳи баланди тахассусӣ гузаронад.

124. Унвони илмии профессор ба онҳое дода мешавад, ки тибқи шартномаҳои меҳнатӣ дар вазифаҳои зерин дар муассисаҳои таълимӣ кор мекунад:

- декани факултет, мудири кафедра, вазифаи профессор, роҳбар ё муовини роҳбари (оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, таълимӣ- методӣ) филиал ё пажӯҳишгоҳи ин муассиса, ректор, муовини аввали ректор, муовини ректор, сарходими илмӣ ё сардори шуъбаи (бахш, озмоишгоҳи) илмӣ-таҳқиқотӣ ё таҷрибавӣ-конструкторӣ;

- корманди муассисаи таҳсилотии таҳсилоти олии касбӣ буда, барномаҳои таълимии таҳсилоти олии аккредитатсияи давлатидошта ва (ё) барномаи такмили ихтисос ва барномаи азнавтайёркунии тахассусиро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин муассисаи таҳсилоти тахассусии иловагие, ки барномаи такмили ихтисос ва барномаи азнавтайёркунии тахассусиро дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ амалӣ менамояд;

- директор, ҷонишини директор, ходими калони илмӣ, мудир (сардор), ҷонишини мудири шуъба (бахш, озмоишгоҳ)-и илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ё таҷрибавӣ-конструкторӣ, роҳбар ё муовини роҳбари (оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, таълимӣ-методӣ) ин муассиса,

- корманди муассисаи илмии амаликунандаи барномаҳои таҳсилотии таҳсилоти олии касбии дорои аккредитатсияи давлатӣ ва (ё) барномаи такмили ихтисос ва барномаи азнавтайёркунии тахассусӣ дар заминаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ;

- яке аз вазифаҳои зикршуда дар сархатҳои 2 ва 3 банди мазкур ё вазифаи роҳбари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, декани факултет,

мудири кафедра ё муовини мудири кафедра, ё вазифаи зикршуда дар феҳристи тасдиқшаванда аз тарафи роҳбари мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти иҷроия, ки дар он тибқи қонун хизмати ҳарбӣ ё дигар хизмати ба он баробаркардашуда пешбинӣ шудааст, роҳбари мақомоти ҷумҳуриявии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи мақомоти корҳои дохилӣ мебошад ва ба яке аз вазифаҳои дар сархатҳои 2 ва 3 банди мазкур баробар карда шудааст;

- шахсоне, ки дар хизмати ҳарбӣ ва ё дар хизмати ба он баробаркардашуда аз рӯйи шартнома мебошанд, дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунанд;

- дорои унвони илмии дотсент, ки аз дарёфти он на камтар аз 3 сол сипарӣ шудааст.

125. Меъёрҳои додани унвони илмии профессор инҳо мебошанд:

- доштани собиқаи бефосилаи кор (собиқаи бефосилаи хизмати ҳарбӣ ё дигар намуди хизмати ба он баробаркардашуда аз рӯйи шартнома, хизмат дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон) на камтар аз 5 сол дар вазифаҳои дар банди 124 ҳамин Тартиб зикршуда;

- амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (аз ҷумла дар шароити ҳамкор будан) аз рӯйи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва (ё) таҳсилоти тахассусии иловагӣ аз рӯйи ихтисоси илмии дар парвандаи аттестатсионӣ зикршуда дар муассисае, ки ӯро барои дарёфти унвони илмӣ пешниҳод намудааст;

- доштани собиқаи фаъолияти илмӣ ва омӯзгорӣ на кам аз 10 сол дар муассисаҳо, аз ҷумла на камтар аз 5 сол собиқаи кори омӯзгорӣ аз рӯйи ихтисоси илмие, ки дар парвандаи аттестатсионӣ нишон дода шудааст;

- ба ҳайси роҳбари илмӣ ё мушовири илмӣ тайёр кардани на кам аз 2 нафар (барои кормандони муассисаҳои омӯзгорӣ) ва на камтар аз 5 нафар (барои кормандони муассисаҳои илмӣ) шахсоне, ки ба онҳо дараҷаҳои илмӣ дода шудааст, зимнан, мавзӯи диссертатсияи ақаллан як нафари онҳо ба ихтисоси илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда мутобиқат дошта бошад;

- доштани на камтар аз 50 маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва асарҳои илмии чопшуда (аз ҷумла бо ҳаммуаллифӣ), бо доштани патентҳо барои ихтироот ва дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар раванди таҳсилот истифода мешаванд. Дар ин ҳолат тайи 5 соли охир аз рӯйи ихтисоси илмии зикршуда дар парвандаи

аттестатсионии шахсони довталаби дарёфти унвонҳои илмӣ бояд на камтар аз 3 мақолаи таълимӣ ва на камтар аз 5 асари илмии чопшуда вуҷуд дошта бошад. Асарҳои илмӣ бояд дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чоп шуда бошанд. Ба асарҳои илмии дорои маълумоти сирри давлатӣ ва ё сирри дигари аз рӯйи қонун ҳифзшаванда талаботи чопи онҳо дар нашрияҳои тақризшаванда дахл надорад;

- мавҷуд будани китоби дарсӣ (воситаи таълимӣ), ки муаллифи он шахсони довталаби дарёфти унвонҳои илмӣ мебошанд ё мавҷуд будани на камтар аз 3 китоби дарсӣ (васоити таълимӣ), ки ҳаммуаллифи он шахсони довталаби дарёфти унвонҳои илмӣ ҳастанд. Китобҳои дарсӣ бояд тайи 10 соли охир аз рӯйи ихтисоси илмии дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда чоп шуда бошанд.

## § 3. Меъёрҳои додани унвони илмӣ дар соҳаи санъат ва талабот нисбат ба шахсони довталаби дарёфти унвонҳои илмӣ дар соҳаи санъат

126. Унвони илмии дотсент дар соҳаи санъат аз рӯйи ихтисосҳои илмӣ ба шахси довталаби дарёфти унвони илмӣ, ки дараҷаи илмии номзади илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос надошта бошад, дода мешавад, агар ӯ дар рӯзи пешниҳоди парвандаи аттестатсионӣ ба шӯрои муассиса талаботи зеринро қонеъ намояд:

- маводи таълимӣ ва асарҳои илмии чопшуда дошта бошад, дарсҳои лексиониро хонад ё дигар машғулиятҳоро ба дараҷаи баланди тахассусӣ гузаронад;

- таҳсилоти олии касбӣ дошта бошад;

- ба унвони ифтихории Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ё собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста, рассоми шоиста) сазовор гардида, ё барандаи ҷоизаи (соҳибдиплом) на камтар аз ду намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ ва ё ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бошад, зимнан, унвони барандаи ҷоизаи (соҳибдиплом) намоишгоҳҳо, озмунҳо ё ҷашнвораҳои байналмилалӣ ва (ё) ҷумҳуриявӣ дар ҳамон ҳолат ба ҳисоб гирифта мешавад, ки агар он дар давраи омӯзгории унвонҷӯи унвони илмӣ дар муассисаи таҳсилотии таҳсилоти олии касбӣ ё баъди хатми он

дарёфт гардида бошад;

- аз рӯйи шартномаи меҳнатӣ дар муассисае кор кунад, ки ӯро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳод намудааст;

- вазифаи декани факултет, мудири кафедра, дотсент, роҳбар ё муовини роҳбари филиал ё пажӯҳишгоҳ (донишкада)-и муассисаи ӯро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳодкунанда, ректор, муовини аввали ректор, муовини ректор, директор, муовини директор, вазифаи сардори кафедра ё муовини сардори кафедра ё ки вазифаи дар феҳрист шомилбуда, ки аз тарафи роҳбари мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи тасдиқ шуда, дар он тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ хизмати ҳарбӣ ё дигар хизмати ба он баробаркардашуда пешбинӣ шудааст, вазифаи роҳбари мақомоти ҳокимияти иҷроия дар соҳаи мақомоти корҳои дохилиро иҷро намояд.

127. Меъёрҳои додани унвони илмии дотсент дар соҳаи санъат инҳо мебошанд:

- доштани собиқаи бефосилаи кор на камтар аз 2 сол дар вазифаҳое, ки дар сархати панҷуми банди 126 Тартиби мазкур нишон дода шудааст;

- амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (аз ҷумла дар шароити ҳамкор будан) аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- доштани собиқаи кори омӯзгорӣ на камтар аз 5 сол дар муассисаҳо, аз ҷумла на камтар аз 3 сол собиқаи кори омӯзгорӣ дар он соҳаи санъат, ки дар парвандаи аттестатсионӣ нишон дода шудааст;

- тайёр кардани на камтар аз 2 нафар барандаи ҷоизаи (соҳибдиплом) намоишгоҳҳо, озмунҳо ва ҷашнвораҳои байналмилалӣ ва (ё) ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда;

- доштани на камтар аз 2 асари илмӣ ва маводи таълимӣ, таълимӣ- методии чопшуда (аз ҷумла, бо ҳаммуаллифӣ) ва на камтар аз 7 кори эҷодӣ аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда.

128. Меъёрҳои додани унвони илмии профессор дар соҳаи санъат чунинанд:

- доштани собиқаи бефосилаи кор на камтар аз 2 сол дар вазифаҳои дар сархати панҷуми банди 129 Тартиби мазкур зикршуда;

- амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (аз ҷумла дар шароити ҳамкор будан) аз рӯйи он

соҳаи санъат, ки дар парвандаи аттестатсионӣ нишон дода шудааст;

- доштани собиқаи кори омӯзгорӣ на камтар аз 10 сол дар муассисаҳо, аз ҷумла, на камтар аз 3 сол собиқаи кори омӯзгорӣ дар он соҳаи санъат, ки дар парвандаи аттестатсионӣ нишон дода шудааст;

- баъди дарёфти унвони илмии дотсент тайёр кардани на камтар аз 3 нафар барандаи ҷоизаи (соҳибдиплом) намоишгоҳҳо, озмунҳо ё ҷашнвораҳои байналмилалӣ ва (ё) ҷумҳуриявӣ аз рӯйи он соҳаи санъат, ки дар парвандаи аттестатсионӣ нишон дода шудааст;

- баъди дарёфти унвони илмии дотсент доштани на камтар аз 3 кори илмӣ ва маводи таълимӣ, таълимӣ-методии чопшуда (аз ҷумла бо ҳаммуаллифон) ва на камтар аз 10 корҳои эҷодӣ аз рӯйи он соҳаи санъат, ки дар парвандаи аттестатсионӣ пешниҳод шудааст.

129. Унвони илмии профессор дар соҳаи санъат аз рӯйи ихтисосҳои илмӣ ба шахси довталаби дарёфти унвони илмӣ, ки дараҷаи илмии доктори илм надошта бошад, дода мешавад, агар ӯ дар рӯзи пешниҳоди парвандаи аттестатсионӣ ба шӯрои муассиса талаботи зеринро қонеъ намояд:

- маводи таълимӣ ва асарҳои илмии чопшуда дошта бошад, курсҳои лексияҳоро хонад ё дигар машғулиятҳоро ба дараҷаи баланди тахассусӣ гузаронад;

- таҳсилоти олии касбӣ дошта бошад;

- ба унвони фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ё собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ (ҳунарпешаи халқӣ, рассоми халқӣ, меъмори халқӣ, арбоби шоистаи санъат, ҳунарпешаи шоиста ва рассоми шоиста, меъмори шоиста) сазовор гардида, ё барандаи ҷоизаи (соҳибдиплом), маъмулан, на кам аз 3 намоишгоҳ, озмун ё ҷашнвораи байналмилалӣ ва (ё) ҷумҳуриявӣ аз рӯйи соҳаи санъати дар парвандаи аттестатсионӣ нишондодашуда бошад (зимнан, унвони барандаи ҷоизаи (соҳибдиплом) намоишгоҳҳо, озмунҳо ё ҷашнвораҳои байналмилалӣ ва (ё) ҷумҳуриявӣ дар ҳамон ҳолат ба ҳисоб гирифта мешавад, ки агар он дар давраи омӯзгории унвонҷӯи унвони илмӣ дар муассисаи таҳсилотии таҳсилоти олии касбӣ ё баъди хатми он дарёфт гардида бошад);

- тибқи шартномаи меҳнатӣ дар муассисае кор мекунад, ки ӯро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳод намудааст;

- вазифаҳои зеринро иҷро кунад: вазифаи профессор, декани факултет, мудири кафедра, роҳбар ё муовини роҳбари филиал ё пажӯҳишгоҳи муассисае, ки ӯро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳод

мекунад, ректор, муовини аввали ректор, муовини ректор, директор, муовини директор, сардори кафедра, муовини сардори кафедра ё вазифаи дар феҳрист шомилбуда, ки аз тарафи роҳбари мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тасдиқ шуда, дар он тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ хизмати ҳарбӣ ё дигар хизмати ба он баробаркардашуда пешбинӣ шудааст, вазифаи роҳбари мақомоти марказии иҷроия дар соҳаи мақомоти корҳои дохилиро иҷро намояд;

- дорандаи унвони илмии дотсент буда, аз рӯзи дарёфти он на камтар аз 3 сол сипарӣ шуда бошад.

## § 4. Меъёрҳои додани унвони илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва талабот нисбат ба шахси довталаби дарёфти унвони илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш

130. Унвони илмии дотсент дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз рӯйи ихтисосҳои илмӣ ба шахси довталаби дарёфти унвони илмӣ, ки дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ё номзади илмро надошта бошад, дода мешавад, агар ӯ дар рӯзи пешниҳоди парвандаи аттестатсионӣ ба шӯрои муассиса талаботи зеринро қонеъ намояд:

- маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ ва асарҳои илмии чопшуда дошта бошад, курси лексияҳоро хонад ё машғулиятҳои дигарро ба дараҷаи баланди тахассусӣ гузаронад;

- тибқи шартномаи меҳнатӣ дар муассисае кор мекунад, ки ӯро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳод намудааст;

- вазифаи декани факултет, дотсент, мудири кафедра, роҳбар ё муовини роҳбари филиал ё пажӯҳишгоҳ (донишкада)-и муассисаеро иҷро кунад, ки ӯро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳод кардааст, вазифаи ректор, муовини аввали ректор, муовини ректор ё вазифаи мудири кафедра, муовини мудири кафедра ё вазифаи директор, муовини директор, сарходими илмӣ, ходими пешбари илмӣ ё мудир (сардор), муовини мудир (сардор)-и шуъбаи (бахш, озмоишгоҳ)-и илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, роҳбар ё муовини роҳбари филиали (оид ба корҳои илмӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, таълимӣ, таълимӣ-методӣ)-и муассисаи ӯро ба дарёфти унвони илмӣ пешниҳодкунанда ё вазифаи дар феҳрист шомилбуда, ки аз тарафи роҳбари мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия тасдиқ шуда, дар он тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ хизмати ҳарбӣ ё дигар хизмати ба он баробаркардашуда

пешбинӣ шудааст, вазифаи роҳбари мақомоти марказии иҷроия дар соҳаи мақомоти корҳои дохилиро иҷро намояд.

131. Меъёрҳои додани унвони дотсент дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш чунинанд:

- доштани собиқаи бефосилаи кор на камтар аз 2 сол дар вазифаҳои дар сархати сеюми банди 130 Тартиби мазкур нишондодашуда;

- амалӣ намудани фаъолияти омӯзгорӣ ба андозаи на камтар аз 0,25 басти корӣ (аз ҷумла, дар шароити ҳамкор будан) аз рӯйи он соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки дар парвандаи аттестатсионӣ нишон дода шудааст;

- зиёда аз 4 моҳ - дар асоси қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

32. Муҳлати таҳсил дар докторантура аз рӯйи ихтисос ба собиқаи кории илмию омӯзгорӣ дохил мешавад.

33. Тайёр намудани доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос дар докторантура аз рӯйи ихтисосҳои илмие, ки тибқи Таснифоти намунавии самт ва ихтисосҳои докторантура аз рӯйи ихтисос (замима ба Низомномаи мазкур) муқаррар гардидааст, амалӣ карда мешавад.

34. Бо мақсади таъмин намудани озодиҳои академӣ ва баробарарзишии дипломҳо ба докторантҳо аз рӯйи ихтисос имконияти аз худ намудани кредитҳо дар дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмии аккредитатсиядошта, аз ҷумла дар хориҷа иҷозат дода мешавад, ки тартиби онро Вазорати маориф ва илми

Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

35. Меъёри асосии ба анҷом расидани барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос аз ҷониби докторантҳо аз рӯйи ихтисос иҷро намудани тамоми намудҳои корҳои таълимию таҳқиқотӣ ва дифои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос дар ҳаҷми на камтар аз 180 кредит ба ҳисоб меравад.

## 6.ТАЛАБОТ БА МУҲТАВОИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

36. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос чунин намудҳои корҳои таълимию таҳкиқотиро дар бар мегиранд:

- таҳсилоти назариявӣ (омӯзиши фанҳои заминавӣ ва тахассусӣ);
- таҷрибаомӯзӣ;
- кори илмию таҳқиқотӣ (иҷрои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос);
- аттестатсияи давлатии марҳилавӣ, тахассусӣ ва ҷамъбастӣ.

37. Қисмҳои таълимии барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро номгӯи фанҳои омӯхташаванда ташкил медиҳад, ки аз қисмҳои ҳатмӣ ва қисмҳои интихобӣ, ки мувофиқи самти тайёр намудани докторант аз рӯйи ихтисос таҳия гардидаанд, иборат мебошад.

38. Ҳаҷми ҳадди ақалли кредитҳои фаннӣ аз қисмҳои ҳатмӣ ва интихобӣ тибқи талаботи стандарти давлатии таълимӣ муқаррар карда мешавад.

39. Номгӯи фанҳо аз тарафи муассисаи таълимӣ ё илмӣ мустақилона мувофиқи талаботи тахассусӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти бозори меҳнат муқаррар карда мешавад.

40. Фанҳои интихобиро докторант аз рӯйи ихтисос мустақилона аз рӯйи феҳристи фанҳои интихобӣ интихоб мекунад ва метавонад онҳоро дар давраи дилхоҳи таҳсил омӯзад.

41. Қисми илмии барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро корҳои илмию таҳқиқотӣ (таҷрибавию амалӣ), таҳияи мақолаҳои илмӣ ва навиштани диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос ташкил медиҳад.

42. Барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос ва муҳтавои он дар асоси стандарти давлатии таҳсилот таҳия гардида, аз нақшаи таълимӣ, силлабус ва маҷмӯъҳои таълимию методии фаннӣ, барномаҳои таҷрибаи касбӣ (илмию таҳқиқотӣ, истеҳсолӣ ё илмию педагогӣ) ва барномаи инфиродии корҳои илмию таҳқиқотӣ

иборат мебошад.

43. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии иҷрогардида бояд дар нашрияҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ нашр гарданд, инчунин, доир ба дастовардҳои илмии онҳо дар конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ватанӣ маълумот дода шаванд. Дар баробари ин, интишорот бояд муқаррароти асосиро, ки барои дифои диссертатсия пешниҳод мешаванд, дар бар гирад.

44. Рӯйхати маҷаллаҳои илмие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи он нашр мешаванд ва дар онҳо бояд ба таври зарурӣ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияҳои илмии барои дифоъ пешниҳодшуда чоп шаванд, аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

45. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бояд инъикос шаванд:

- дар як ё зиёда нашрияҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ, ки тибқи рӯйхати маҷаллаҳои тақризшаванда аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;
- дар на камтар аз се мақола дар нашрияҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ;
- дар суханрониҳои расмӣ, дар на камтар аз се конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ;
- аз рӯйи ихтисосҳои техникӣ дар на камтар аз як амали ҷорикунӣ дар истеҳсолот, патентҳо ё нахустпатент барои ихтироот.

## 7. ТАЛАБОТ БА ШАРОИТИ АМАЛӢ НАМУДАНИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

46. Барои гирифтани иҷозатнома дар мавриди амалӣ намудани барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисос муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ бояд тибқи тартиби муқарраргардида ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд. Амалӣ намудани барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисос пас аз гирифтани иҷозатнома иҷозат дода мешавад.

47. Муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ мекунанд, бояд мактабҳои илмии дар сатҳи кишвар ё сатҳи байналмилалӣ шинохташуда, кадрҳои омӯзгории донандаи технологияи муосири таълим дар муассисаи таҳсилоти олӣ, инчунин шартномаҳо дар бораи

мубодилаи кадрҳои илмӣ бо марказҳои аккредитатсияшудаи таълимию илмии ватанӣ ва хориҷӣ, ки барномаҳои докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ менамоянд, дошта бошанд.

48. Диссертатсия таҳти роҳбарии олимони ватанӣ ва хориҷӣ (ё берунӣ - аз муассисаҳои дигари таълимӣ ё илмии дохили кишвар), ки дорои дараҷаи илмӣ (доктори илм, номзади илм ва доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос) буда, дар соҳаи таҳқиқоти илмии докторант аз рӯйи ихтисос мутахассис мебошанд, иҷро карда мешавад. Сарбории илмию педагогӣ барои роҳбарӣ намудан ба докторант аз рӯйи ихтисос дар ҳаҷми на камтар аз 100 соат ҳар сол муқаррар карда мешавад. Ба докторони илм роҳбарӣ ба ду докторант аз рӯйи ихтисос (дар сарбории фардӣ) ва ба се докторант (берун аз сарборӣ), ба номзади илм, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос - ба як докторант (дар сарбории фардӣ) ва ду докторант (берун аз сарборӣ) дар як сол иҷозат дода мешавад.

49. Дараҷаи касбии роҳбарони илмӣ, аъзои комиссияи машваратӣ дар соҳаи илм ва объекти таҳқиқоти илмии докторант аз рӯйи ихтисос бо ду ва зиёда интишорот дар нашрияҳои илмии хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин бо суханрониҳо дар анҷуманҳои илмии бонуфуз дар 5 соли охир бояд тасдиқ карда шавад.

50. Муассисаҳои таълимӣ ё илмӣ, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ месозанд, мустақилона нақшаҳои таълимӣ (корӣ ва фардӣ), барномаҳои фанҳои таълимӣ, таҷрибаомӯзӣ ва барномаҳои корҳои илмию таҳқиқотиро таҳия намуда, онҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад. Барномаҳои фанҳои таълимӣ дар асоси стандарти ихтисосҳои илмӣ таҳия карда мешаванд.

51. Нақшаи таълимии инфиродӣ ва мавзӯи диссертатсия дар муҳлати на зиёда аз 3 моҳи баъд аз дохилшавии докторант ба докторантура аз рӯйи ихтисос аз тарафи мақоми олии муассисаи таълимӣ ва илмӣ (Шӯрои олимон ё техникӣ), ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ менамояд, барои тамоми давраи таҳсили таълимгиранда дар докторантура аз рӯйи ихтисос тасдиқ карда мешавад.

52. Таъминоти таълимию методӣ ва иттилоотии ҷараёни таълим бояд азхудкунии сифатноки барномаи докторантура аз рӯйи ихтисосро барои докторант аз рӯйи ихтисос кафолат диҳад. Амалӣ намудани барномаи таълимӣ бояд дастрасии озодона ба захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, фонди китобхонаҳо, технологияҳои компютерӣ,

дастурҳои методӣ ва коркардҳо аз рӯйи фанҳои таълимдодашаванда ва намуди дарсҳо, аз ҷумла иҷрои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисосро таъмин намояд.

53. Муассисаҳои таълимӣ ё илмӣ, ки барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисосро амалӣ мекунанд, бояд заминаи моддию техникӣ (фонди аудиторӣ, синфҳои компютерӣ, озмоишгоҳҳо) дошта бошанд, ки барномаи таълимӣ пешбинӣ менамояд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ бояд имконият фароҳам оваранд, ки натиҷаҳои таҳқиқот нашр карда шаванд.

54. Бо мақсади ташаккул додани малакаҳои амалии илмӣ, фаъолияти касбӣ дар соҳаи мушаххаси илм докторант аз рӯйи ихтисос аз таҷрибаомӯзӣ мегузарад, ки мувофиқи нақшаи инфиродӣ дар муҳлате, ки нақшаи таълимӣ муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад.

55. Қисми илмию таҳқиқотии барномаи таълимӣ бояд:

- ба масъалаи асосии тахассуси илмӣ, ки аз рӯйи он диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос дифоъ мешавад, мувофиқат намояд;
- дар доираи маблағгузории таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ ва дигар лоиҳаҳои буҷетии давлатӣ ва шартномаҳои хоҷагӣ иҷро карда шавад;
- мубрам, дорои навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ бошад;
- бо комёбиҳои назариявӣ, методӣ ва технологии муосири илм ва амалияи ватанӣ ва хориҷӣ асоснок карда шавад;
- методикаи муосири таҳқиқоти илмӣ истифода карда шавад;
- ба методҳои муосири коркард ва тафсири маълумот бо истифодаи технологияи компютерӣ асоснок карда шавад;
- фаслҳои назариявӣ, методӣ ва амалӣ дошта бошад, ки бо барномаҳои илмии дар диссертатсия дифоъшаванда мувофиқат намоянд.

56. Натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар охири ҳар як даври академӣ аз ҷониби докторант аз рӯйи ихтисос дар шакли ҳисоботи мухтасар таҳия карда мешавад. Натиҷаи ниҳоии кори илмию таҳқиқотии докторант аз рӯйи ихтисос диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос мебошад.

## 8. ТАЛАБОТ БА САТҲИ ТАЙЁР КАРДАН ВА ТАВСИФИ ТАХАССУСИИ ХАТМКУНАНДАИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

57. Хатмкунандаи докторантура аз рӯйи ихтисос бояд:

- дорои донишҳои бунёдии назариявӣ бошад;
- дорои малакаи истифодаи методҳои муосири озмоишӣ бошад;
- имконияти кор бо технологияи муосири иттилоотӣ, аз ҷумла усули таҳлил, коркард ва нигоҳдории ахбори илмиро дошта бошад;
- масоили илмӣ ва амалии муосирро муайян ва ҳал карда тавонад;
- фаъолияти илмию таҳқиқотӣ ва инноватсиониро аз рӯйи ихтисоси илмии интихобкарда ташкил ва амалӣ намояд;
- донандаи забони хориҷӣ дар сатҳи барои ихтисосаш кофӣ бошад.

58. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос барои ихтисосҳои мушаххас бояд талаботро ба нуктаҳои зерин инъикос намоянд:

- маълумотнокии умумӣ;
- салоҳияти иҷтимоию шахсӣ;
- салоҳияти иқтисодӣ ва ташкилию идоракунӣ;
- салоҳияти касбӣ;
- салоҳияти махсус;
- омода будан ба иваз шудани нақшҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, касбӣ, серҳаракатии ҷуғрофӣ ва иҷтимоӣ дар шароити ба вуҷуд омадани дигаргуниҳо ва номуайяниҳо;
- маълумотнокӣ аз рӯйи бахшҳои асосии фанҳо ва фанҳои алоҳидаи таълимӣ.

## 9. АТТЕСТАТСИЯИ ДАВЛАТИИ ҶАМЪБАСТӢ

59. Аттестатсияи ҷамъбастии докторант аз рӯйи ихтисос дар муҳлати пешбининамудаи ҷадвали академӣ ва нақшаи таълимии ихтисосҳо дар шакли имтиҳони маҷмӯӣ ва дифои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос гузаронида мешавад.

60. Аттестатсияи тахассусӣ на дертар аз 1,5 сол аз лаҳзаи қабул шудан ба докторантура аз рӯйи ихтисос бо мақсади муайян кардани имконияти давом додани таҳсил ва навиштани диссертатсия гузаронида мешавад.

61. Докторант аз рӯйи ихтисос, ки талаботи аттестатсияро иҷро накардааст, ҳуқуқ дорад, аттестатсияро такроран гузарад. Дар ин маврид докторант аз рӯйи ихтисос вазифадор аст, ки маблағи таҳсилро пардохт намояд.

62. Аттестатсияи тахассусиро барои ҳар як барномаи таълимии

докторантура аз рӯйи ихтисос комиссия мегузаронад, ки аз тарафи роҳбари муассисаи таълимӣ ё илмӣ тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати комиссия на камтар аз ду нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси докторант аз рӯйи ихтисос шомил мешаванд.

63. Ба имтиҳони маҷмӯӣ (комплексӣ) оид ба ихтисос аз фанҳои заминавӣ ва касбӣ танҳо фанҳои ҳатмии барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос дохил карда мешаванд.

64. Имтиҳони маҷмӯӣ дар чунин шаклҳо гузаронида мешавад: имтиҳони шифоҳӣ, кори хаттӣ, тест дар ҳаҷми барномаҳои таълимии фанҳо.

65. Имтиҳони маҷмӯӣ на дертар аз 3 моҳ то дифои диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос гузаронида мешавад.

66. Натиҷаҳои имтиҳони маҷмӯӣ бо протокол ба танзим дароварда мешавад, ки барои ҳар як докторант аз рӯйи ихтисос алоҳида тартиб дода мешавад. Агар имтиҳони маҷмӯӣ ба таври тестӣ гузаронида шавад, натиҷа дар шакли варақаи умумии имтиҳонӣ ва протоколи инфиродӣ барои ҳар як докторант аз рӯйи ихтисос алоҳида ба қайд гирифта мешавад.

67. Диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос тибқи тамоми талабот ба анҷом расонидашуда ба комиссияи ташхисӣ барои додани хулосаи дахлдор пешниҳод карда мешавад. Якҷоя бо диссертатсия ба комиссияи ташхисӣ инчунин ҳуҷҷатҳои дахлдор мувофиқи талаботи Қоидаҳои аттестатсияи ҷамъбастии давлатии докторантура аз рӯйи ихтисос, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, пешниҳод мегардад.

68. Ба ҳайати комиссияи ташхисӣ раиси мустақил, ки ихтисосманди самт ва тахассуси таҳқиқоти илмӣ мебошад ва се нафар коршиносҳои мустақил аз рӯйи ихтисоси докторант аз рӯйи ихтисос шомил мешаванд. Ҳайати комиссияи ташхисӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

69. Комиссияи ташхисӣ дар шакли муқарраршуда бо яке аз қарорҳои зерин хулосаи хаттии асоснокардашударо мебарорад:

- диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос барои дифои расмӣ тавсия дода шавад;

- диссертатсияи докторӣ аз рӯйи ихтисос баъди бартараф намудани камбудиҳо дар муҳлати муқарраркардашуда ба дифои расмӣ тавсия карда шавад;

- диссертатсия барои дифоъ тавсия карда нашавад.

70. Тартиби дифои диссертатсияҳои докторӣ аз рӯйи ихтисос ва фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ тибқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ муайян карда мешавад.

## 10. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОКТОРАНТ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

71. Докторант дар докторантура аз рӯйи ихтисос дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда, оинномаи муассисаи таълимӣ ё илмӣ ва дигар санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад.

72. Докторант аз рӯйи ихтисос уҳдадор аст, саривақт ва босифат тамоми намудҳои корҳоеро, ки барномаи таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос пешбинӣ намудааст, иҷро намояд ва диссертатсияи доктории аз рӯйи ихтисос ба итмомрасонидашударо пешниҳод кунад.

73. Ҳангоми пайдо шудани мухолифатҳо байни докторант аз рӯйи ихтисос ва мушовири илмӣ докторант аз рӯйи ихтисос ҳуқуқ дорад ба комиссияи мусолиҳавӣ барои ҳал намудани масъалаҳои баҳсталаб муроҷиат намояд. Дар ҳолати зарурӣ мақоми олии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ - Шӯрои олимон (техникӣ) метавонад дар бораи озод кардани мушовири илмӣ аз роҳбарӣ ва таъин намудани мушовири нав ба докторант аз рӯйи ихтисос қарор қабул намояд.

74. Докторант аз докторантура аз рӯйи ихтисос бо сабабҳои зерин хориҷ карда мешавад:

- бо хоҳиши худ;
- аз рӯйи вазъи саломатӣ;
- барои иҷро накардани нақшаи инфиродӣ;
- барои вайрон кардани оинномa ва тартиботи дохилии муассиса;
- барои иҷро накардани шартҳои шартнома ҳангоми таҳсили пулакӣ;

- ҳангоми содир намудани ҷиноят тибқи ҳукми судӣ.

75. Барои шахсоне, ки аз докторантура аз рӯйи ихтисос хориҷ карда шудаанд, маълумотномаи академӣ бо нишон додани кредитҳои азхуднамуда дода мешавад.

76. Докторантура аз рӯйи ихтисос тибқи тартибе, ки Низомномаи мазкур муқаррар намудааст, мушобеҳ бо аспирантура ва докторантураи анъанавӣ фаъолият менамояд.

77. Дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос бо қарори шӯроҳои диссертатсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ баъди тасдиқ дар Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба докторант аз рӯйи ихтисос бевосита аз ҷониби шӯроҳои диссертатсионӣ супурда мешавад.

78. Тамоми масъалаҳои баҳсталаб, ки дар раванди тайёр намудани доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ба миён меоянд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

Замима
ба Низомномаи докторантура
аз рӯйи ихтисос

## ТАСНИФОТИ
### НАМУНАВИИ САМТ ВА ИХТИСОСҲОИ ДОКТОРАНТУРА АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

1. Таснифоти намунавии самт ва ихтисосҳои докторантура аз рӯйи ихтисос (минбаъд – Таснифот) рамзҳои ихтисосҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосро, ки аз рӯйи самти умумии муассисаҳои таълимию илмӣ танзим ва аз рӯйи ихтисосҳо мураттаб шудаанд, муқаррар мекунад.

2. Таснифот қисми таркибии низоми ягонаи тасниф ва рамзгузории маълумоти техникӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

3. Таснифот барои мақсадҳои зерин таҳия шудааст:

- ташкили низоми таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ аз рӯйи таснифе, ки тамоми намуд ва соҳаҳои фаъолиятро фаро гирифта, ба тамоми ҷомеа ва ба ҳар як шаҳрванд дастрас аст;
- ташкили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ барои ҳар як ихтисос;
- мусоидат ба болобарии сифат ва рушди таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар асоси дастовардҳои илм, техника, фарҳанг ва дар мувофиқат бо талаботи бозори меҳнат ва аҳолӣ;
- ташкили шароит барои ташаккули фазои таҳсилотии байнидавлатӣ;
- мусоидат ба коркард ва амалисозии технологияҳои ягонаи таҳсилотӣ бо дарназардошти гуногунии мантиқан асосноки ихтисосҳо;
- ташкили шароит барои ҳисоб кардани талаботи ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ ба мутахассисони дорои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва ташаккули супориши асосноки давлатӣ барои тайёр кардани онҳо;
- таъмини ҳисоботи оморӣ ва таҳлилӣ дар соҳаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар робита бо талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат дар мувофиқат бо номгӯи мансабҳои роҳбарикунанда, мутахассисон ва хизматчиёни дигар.

4. Ҳадафи Таснифот ихтисосҳое мебошанд, ки аз рӯйи онҳо мутахассисон дар муассисаҳои таълимию илмӣ, ки таҳсилоти

касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ медиҳанд, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравияшон, тайёр карда мешаванд.

5. Таснифот дар низомҳои автоматикунонидашудаи идора барои иҷрои вазифаҳои зерин истифода бурда мешавад:

- муқаррар намудани номгӯи муносиби ихтисосҳое, ки аз рӯйи зинаи таҳсилот бо ҳам алоқамандӣ доранд;

- ягонасозӣ (унификатсия)-и ихтисосҳо;

- таъмини мувофиқати низоми тайёр кардани мутахассисони дорои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ бо талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат.

6. Ихтисосҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар Таснифот дар гурӯҳҳо муттаҳид карда шуда, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ бо рамзҳои рақамии ҳашталоматӣ нишон дода шудаанд.

7. Аломати якум ва дуюми рамз, ки ифодаи ҳарфӣ ва рақамӣ доранд, зинаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ифода мекунанд (6D – докторантура аз рӯйи ихтисос).

8. Аломати сеюм ва чоруми рамз гурӯҳи ихтисосҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро ифода карда, соҳаи илмро нишон медиҳанд (01 – Таҳсилот; 02 - Илмҳои гуманитарӣ ва ғ.).

9. Аломати панҷум ва шашуми рамз ихтисосҳои таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва аломати ҳафтум ва ҳаштум барномаи таълимии ин ихтисосҳоро ифода мекунанд.

10. Мисол, барои муҳтавои рамзи ихтисос: 6D0201(00), ки дар ин ҷо 6D – зинаи таҳсилот (докторантура аз рӯйи ихтисос), 02 – соҳаи илм (илмҳои гуманитарӣ), 01 – рақами тартибии ихтисос аст ва (00) иловатан аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ, ки дар зинаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ фаъолият доранд, дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори идораи соҳаи маориф ва илм барои ифодаи барномаи таълимии докторант аз рӯйи ихтисос ворид карда мешавад (масалан, 6D0201(01) - Фалсафа (барнома – Ҳастишиносӣ ва назарияи маърифат) ё 6D0201(02) - Фалсафа (барнома – Таърихи фалсафа) ва ғайра.

11. Барномаҳои таълимии докторантура аз рӯйи ихтисос дар доираи ҳар як ихтисос дар асоси нақшаи инфиродии таълимӣ дар мувофиқат бо мавзӯи диссертатсияи илмӣ ташаккул дода мешаванд.

12. Ихтисос ин тахассус ё самти тайёрии касбии доктори

фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос буда, дараҷаи академии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос дар ҳамин ихтисос ё соҳаи илм дода мешавад.

13. Рамз тибқи ТСБТ (ТСБТ - Таснифоти стандартии байналмилалии таҳсилот, ки аз ҷониби ЮНЕСКО дар соли 2011 қабул гардидааст; бо забони англисӣ: ISCED - International Standard Classification of Education; бо забони русӣ: МСКО - Международная стандартная классификация образования) дар асоси талаботи байналмилалӣ ба ихтисосҳои докторантура аз рӯйи ихтисос гузошта мешавад.

| **Рамз тибқи ТСБТ** | **Рамзи ихтисос** | **Номгӯи ихтисос** |
|---|---|---|
| | | **1. Таҳсилот** |
| 6D | 6D010100 | Таълим ва тарбияи томактабӣ |
| 6D | 6D010200 | Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ |
| 6D | 6D010300 | Педагогика ва психология |
| 6D | 6D010400 | Тайёрии ибтидоии ҳарбӣ |
| 6D | 6D010500 | Нуқсоншиносӣ (Дефектология) |
| 6D | 6D010600 | Таълими мусиқӣ |
| 6D | 6D010700 | Санъати тасвирӣ ва нақшакашӣ |
| 6D | 6D010800 | Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш |
| 6D | 6D010900 | Математика |
| 6D | 6D011000 | Физика |
| 6D | 6D011100 | Информатика |
| 6D | 6D011200 | Химия |
| 6D | 6D011300 | Биология |
| 6D | 6D011400 | Таърих |
| 6D | 6D011500 | Асосҳои ҳуқуқ ва иқтисодиёт |
| 6D | 6D011600 | География |
| 6D | 6D011700 | Забон ва адабиёти тоҷик |
| 6D | 6D011800 | Забон ва адабиёти рус |
| 6D | 6D011900 | Забони хориҷӣ: ду забони хориҷӣ |
| 6D | 6D012000 | Таълими касбӣ (аз рӯйи соҳаҳо) |
| 6D | 6D012100 | Забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои забони таҳсилоташон ғайриточикӣ |
| 6D | 6D012200 | Забон ва адабиёти рус дар мактабҳои забони |

| | | |
|---|---|---|
| | | таҳсилоташон ғайрирусӣ |
| 6D | 6D012300 | Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ |
| 6D | 6D012400 | Арзёбии педагогӣ |
| **2. Илмҳои гуманитарӣ** | | |
| 6D | 6D020100 | Фалсафа |
| 6D | 6D020200 | Муносибатҳои байналмилалӣ |
| 6D | 6D020300 | Таърих |
| 6D | 6D020400 | Фарҳангшиносӣ |
| 6D | 6D020500 | Филология |
| 6D | 6D020600 | Диншиносӣ |
| 6D | 6D020700 | Кори тарҷумонӣ |
| 6D | 6D020800 | Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ |
| 6D | 6D020900 | Шарқшиносӣ |
| 6D | 6D021000 | Филологияи хориҷӣ |
| 6D | 6D021100* | |
| 6D | 6D021200* | |
| 6D | 6D021300 | Забоншиносӣ |
| 6D | 6D021400 | Адабиётшиносӣ |
| 6D | 6D021500 | Исломшиносӣ |
| **3. Ҳуқуқ** | | |
| 6D | 6D030100 | Ҳуқуқшиносӣ |
| 6D | 6D030200 | Ҳуқуқи байналмилалӣ |
| 6D | 6D030300 | Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ |
| 6D | 6D030400 | Кори гумрукӣ |
| **4. Санъат** | | |
| 6D | 6D040100 | Мусиқишиносӣ |
| 6D | 6D040200 | Иҷрокунандагии созӣ |
| 6D | 6D040300 | Санъати вокалӣ |
| 6D | 6D040400 | Санъати мусиқии анъанавӣ |
| 6D | 6D040500 | Дирижёрӣ |
| 6D | 6D040600 | Коргардонӣ |
| 6D | 6D040700 | Санъати актёрӣ |
| 6D | 6D040800 | Санъати эстрадӣ |
| 6D | 6D040900 | Хореография |
| 6D | 6D041000 | Сенография |
| 6D | 6D041100 | Композитсия |
| 6D | 6D041200 | Санъати наворбардорӣ |
| 6D | 6D041300 | Рассомӣ |
| 6D | 6D041400 | Графика |

| | | |
|---|---|---|
| 6D | 6D041500 | Санъати ҳайкалтарошӣ |
| 6D | 6D041600 | Санъатшиносӣ |
| 6D | 6D041700 | Санъати декоративӣ |
| 6D | 6D041800* | - |
| 6D | 6D041900 | Кори осорхона ва ҳифзи ёдгориҳо |
| 6D | 6D042000 | Меъморӣ |
| 6D | 6D042100 | Тарроҳӣ (Дизайн) |
| 6D | 6D042200 | Кориноширӣ |
| 6D | 6D042300 | Арт-менеҷмент |
| **5. Илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодиёт ва соҳибкорӣ** | | |
| 6D | 6D050100 | Сотсиология |
| 6D | 6D050200 | Сиёсатшиносӣ |
| 6D | 6D050300 | Психология |
| 6D | 6D050400 | Рӯзноманигорӣ |
| 6D | 6D050500 | Минтақашиносӣ |
| 6D | 6D050600 | Иқтисодиёт |
| 6D | 6D050700 | Менеҷмент |
| 6D | 6D050800 | Баҳисобгирӣ ва аудит |
| 6D | 6D050900 | Молия |
| 6D | 6D051000 | Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ |
| 6D | 6D051100 | Маркетинг |
| 6D | 6D051200 | Омор |
| 6D | 6D051300 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ |
| 6D | 6D051400 | Робита бо ҷомеа |
| 6D | 6D051500 | Бойгонишиносӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва таъминоти ҳуҷҷатнигорӣ |
| 6D | 6D051600 | Рӯзноманигории байналмилалӣ |
| 6D | 6D051700 | Менеҷменти инноватсионӣ |
| 6D | 6D051800 | Идоракунии лоиҳаҳо |
| 6D | 6D051900 | Ташкил ва бамеъёргирии меҳнат |
| 6D | 6D052000 | Бизнес-маъмуриятчигӣ |
| **6. Илмҳои табиӣ** | | |
| 6D | 6D060100 | Математика |
| 6D | 6D060200 | Информатика |
| 6D | 6D060300 | Механика |
| 6D | 6D060400 | Физика |
| 6D | 6D060500 | Физикаи ядро |
| 6D | 6D060600 | Химия |
| 6D | 6D060700 | Биология |

| | | |
|---|---|---|
| 6D | 6D060800 | Экология |
| 6D | 6D060900 | География |
| 6D | 6D061000 | Гидрология |
| 6D | 6D061100 | Астрономия |
| 6D | 6D061200 | Метеорология |
| 6D | 6D061300 | Геоботаника |
| **7. Илмҳои техникӣ ва технология** | | |
| 6D | 6D070100 | Биотехнология (аз рӯйи соҳаҳо ва татбиқ) |
| 6D | 6D070200 | Автоматикунонӣ ва идоракунӣ |
| 6D | 6D070300 | Низоми иттилоотӣ (аз рӯйи соҳаҳо) |
| 6D | 6D070400 | Техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавӣ |
| 6D | 6D070500 | Моделсозии математикӣ ва компютерӣ |
| 6D | 6D070600 | Геология ва ҷӯстуҷӯи конҳои канданиҳои фоиданок |
| 6D | 6D070700 | Кӯҳкорӣ |
| 6D | 6D070800 | Корҳои нафту газ |
| 6D | 6D070900 | Металлургия |
| 6D | 6D071000 | Масолеҳшиносӣ ва технологияи масолеҳи навин |
| 6D | 6D071100 | Геодезия |
| 6D | 6D071200 | Мошинсозӣ |
| 6D | 6D071300 | Нақлиёт, техникаи нақлиётӣ ва технологияҳо |
| 6D | 6D071400 | Техникаи авиатсионӣ ва технологияҳо |
| 6D | 6D071500 | Техникаи баҳрӣ ва технологияҳо |
| 6D | 6D071600 | Асбобсозӣ |
| 6D | 6D071700 | Энергетикаи ҳароратӣ |
| 6D | 6D071800 | Энергетикаи электрикӣ |
| 6D | 6D071900 | Радиотехника, электроника ва телекоммуникатсия |
| 6D | 6D072000 | Технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ |
| 6D | 6D072100 | Технологияи химиявии моддаҳои органикӣ |
| 6D | 6D072200 | Полиграфия |
| 6D | 6D072300 | Физикаи техникӣ |
| 6D | 6D072400 | Мошинҳои технологӣ ва таҷҳизотҳо (аз рӯйи соҳаҳо) |
| 6D | 6D072500 | Технологияи коркарди чӯб ва маҳсулоти чӯбин (аз рӯйи соҳаи татбиқ) |
| 6D | 6D072600 | Технология ва лоиҳакашии маҳсулоти саноати сабук (аз рӯйи соҳаи татбиқ) |
| 6D | 6D072700 | Технологияи маҳсулоти озуқа (аз рӯйи соҳаи татбиқ) |
| 6D | 6D072800 | Технологияи истеҳсолоти коркарди дубора (аз |

| | | |
|---|---|---|
| | | рӯйи соҳаҳо) |
| 6D | 6D072900 | Сохтмон |
| 6D | 6D073000 | Истеҳсоли масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмонӣ |
| 6D | 6D073100 | Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист |
| 6D | 6D073200 | Стандартикунонӣ ва сертификатсия |
| 6D | 6D073300 | Технология ва лоиҳакашии маҳсулоти нассоҷӣ |
| 6D | 6D073400 | Технологияи химиявии моддаҳои тарканда ва маҳсулоти пиротехникӣ |
| 6D | 6D073500 | Бехатарии озуқаворӣ |
| 6D | 6D073600 | Бехатарии мол ва маҳсулоти ғайриозуқаворӣ |
| 6D | 6D073700 | Ғанигардонии канданиҳои фоиданок |
| 6D | 6D073800 | Технологияи коркарди масолеҳҳо таҳти фишор |
| 6D | 6D073900 | Химияи нафт |
| 6D | 6D074000 | Наномасолеҳҳо ва нанотехнологияҳо (аз рӯйи соҳаи татбиқ) |
| 6D | 6D074100 | Харитасозӣ |
| 6D | 6D074200 | Киштиронӣ |
| 6D | 6D074300 | Истифодабарии техникии киштиҳои ҳавоӣ ва муҳаррикҳо |
| 6D | 6D074400 | Сотхмони гидротехникӣ ва иншоот |
| 6D | 6D074500 | Сохтмони нақлиётӣ |
| 6D | 6D074600 | Техника ва технологияи кайҳонӣ |
| 6D | 6D074700 | Усулҳои геофизикии ҷӯстуҷӯ ва таҳқиқи конҳои канданиҳои фоиданок |
| 6D | 6D 074800 | Технологияи истеҳсолоти фарматсевтӣ |
| 6D | 6D 074900 | Кори маркшейдерӣ |
| 6D | 6D 075000 | Метрология |
| 6D | 6D 075100 | Информатика, техникаи ҳисоббарор ва идоракунӣ |
| 6D | 6D075200 | Низом ва шабакаҳои муҳандисӣ |
| 6D | 6D075300 | Технологияи химиявии масолеҳҳои душворгудози ғайрифилизӣ ва силикатӣ |
| 6D | 6D075400 | Истеҳсоли дастгоҳҳои кайҳонӣ |
| 6D | 6D075500 | Гидрогеология ва геологияи муҳандисӣ |
| | | **8. Илмҳои кишоварзӣ** |
| 6D | 6D080100 | Кишоварзӣ (Агрономӣ) |
| 6D | 6D080200 | Технологияи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ |
| 6D | 6D080300 | Шикоршиносӣ ва ваҳшипарварӣ |
| 6D | 6D080400 | Хоҷагии моҳипарварӣ ва саноати моҳидорӣ |
| 6D | 6D080500 | Захираҳои обӣ ва истифодаи он |
| 6D | 6D080600 | Техникаи аграрӣ ва технология |

| | | |
|---|---|---|
| 6D | 6D080700 | Захираҳои ҷангал ва ҷангалпарварӣ |
| 6D | 6D080800 | Агрохимия ва хокшиносӣ |
| 6D | 6D080900 | Меваю сабзавотпарварӣ |
| 6D | 6D081000 | Беҳдошт, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин |
| 6D | 6D081100 | Дифои наботот ва карантини растаниҳо |
| 6D | 6D081200 | Энергиятаъминкунии хоҷагии қишлоқ |
| **9. Хизматрасонӣ** | | |
| 6D | 6D090100 | ***Ташкили ҳамлу нақл, ҳаракат ва истифодабарии нақлиёт*** |
| 6D | 6D090200 | ***Сайёҳӣ*** |
| 6D | 6D090300 | ***Заминсозӣ*** |
| 6D | 6D090400 | ***Хизмати иҷтимоӣ-фарҳангӣ*** |
| 6D | 6D090500 | ***Фаъолияти иҷтимоӣ*** |
| 6D | 6D090600 | ***Фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ*** |
| 6D | 6D090700 | ***Кадастр*** |
| 6D | 6D090800 | ***Баҳодиҳӣ*** |
| 6D | 6D090900 | Логистика (аз рӯйи соҳаҳо) |
| 6D | 6D091000 | Кори китобдорӣ |
| 6D | 6D091100 | Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат |
| 6D | 6D091200 | Фаъолияти тарабхона ва бизнеси меҳмонхона |
| **10. Кори ҳарбӣ ва амният** | | |
| 6D | 6D100100 | Бехатарӣ аз сӯхтор |
| 6D | 6D100200 | Низоми иттилоотии амниятӣ |
| ***Ихтисосҳои самти «Техника ва технологияи ҳарбӣ» дар асоси талаботи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисосҳои муассисаҳои таълимию илмии ҳарбӣ таҳия карда мешавад.*** | | |
| **11. *Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (тиб)*** | | |
| 6D | 6D110100 | Тиб |
| 6D | 6D110200 | Нигаҳдории тандурустии ҷамъиятӣ |
| 6D | 6D110300 | Кори ҳамширагӣ |
| 6D | 6D110400 | Фарматсия |
| **12. Байторӣ** | | |
| 6D | 6D120100 | Тибби байторӣ |
| 6D | 6D120200 | Беҳдошти байторӣ |

Эзоҳ: бо аломати * рамзҳои захиравӣ барои ихтисосҳои минбаъд таъсисёбанда ишора шудаанд.

**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОР**
**ПРАВИТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 25 феврали соли 2017 №93
ш. Душанбе

**О положении о докторантуре по специальности и государственном стандарте докторантуры по специальности**

В соответствии со статьями 8 и 31 Закона Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском профессиональном образовании» и статьей 51 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1. Утвердить Положение о докторантуре по специальности, его приложение и Государственный стандарт докторантуры по специальности (приложения 1 и 2).

2. Министерству образования Республики Таджикистан совместно с Государственным учреждением «Высшая аттестационная комиссия при Президенте Республики Таджикистан», Академией наук Республики Таджикистан, отраслевыми академиями и высшими учебными профессиональными и научными учреждениями республики обеспечить выполнение указанных Положения и Стандарта.

3. Признать равнозначными диплом научной степени доктора философии (PhD), доктора по специальности и диплом научной степени кандидата наук.

4. Признать утратившими силу постановления Правительства Республики Таджикистан от 3 апреля 2012 года, №127 «Об утверждении Положения о докторантуре по специальности» и от 3 августа 2013 года, №341 «О Государственном стандарте

послевузовского высшего профессионального образования (докторантура)».

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан Эмомали Рахмон

Приложение 1
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от 25 февраля 2017 года,
№ 93

# ПОЛОЖЕНИЕ О ДОКТОРАНТУРЕ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Положение о докторантуре по специальности (далее - Положение) разработано на основе Закона Республики Таджикистан «Об образовании», Закона Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском профессиональном образовании», Закона Республики Таджикистан «О научной деятельности и государственной политике по науке и технике» и других нормативных правовых актов сферы образования и науки.

2. Положение определяет структуру и содержание образовательных программ докторантуры по специальности, порядок приема и правила подготовки докторов по специальности, требования к учреждениям образования и науки, реализующие образовательные программы докторантуры по специальности, квалификационные требования к уровню подготовки выпускника докторантуры по специальности и требования к итоговой государственной аттестации.

3. В настоящем Положении используются следующие основные понятия:

- *образовательная программа докторантуры по специальности* - непрерывно обновляемый учебный и научно-исследовательский комплекс программ, по которому определяется траектория обучения докторанта по специальности, завершающаяся успешной защитой диссертации;

- *докторантура по специальности* - форма подготовки научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации в учреждениях высшего профессионального образования, послевузовского профессионального образования и научных учреждениях с присуждением ученой степени «доктор философии (PhD), доктор по специальности» для граждан, имеющих академическую степень «магистр» или окончившие резидентуру и

клиническую ординатуру (для медицинских специальностей);

- *докторант по специальности* - лицо, обучающееся в докторантуре по специальности;

- *доктор философии (PhD), доктор по специальности* - ученая степень, присуждаемая Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан на основании решения диссертационного совета, принятого после защиты диссертаций докторанту по специальности, выполнившему требования образовательной программы докторантуры по специальности и успешно сдавшему итоговый комплексный экзамен;

- *специальность подготовки доктора по специальности* – комплекс, целенаправленного освоения образовательной программы докторантуры по специальности, знаний, умений, навыков по конкретной отрасли науки, необходимых для определенного вида научной деятельности;

- *кредитная система образования* - система количественной оценки содержания учебных программ и результатов их освоения посредством кредита или кредитного часа (еженедельная норма времени, затраченная на обучение учебной дисциплины в одном семестре, когда в случае успешной сдачи экзамена по этой дисциплине студент получает данный кредит (или кредиты);

- *диссертационный совет* - совет по рассмотрению научных работ, представляемых на соискание ученой степени доктора философии (PhD), доктора по специальности, создаваемый согласно установленному порядку при учреждениях образования или науки, обладающих правом реализации образовательных программ докторантуры по специальности;

- *кредит* - унифицированная единица измерения объема учебной работы докторанта, равная 24 часам.

4. Подготовка докторов по специальности в рамках образовательных программ докторантуры по специальности осуществляется образовательными и научными учреждениями, дающими послевузовское профессиональное образование и имеющими соответствующие лицензии на образовательную деятельность.

## 2. ПОРЯДОК СОЗДАНИЯ И ЦЕЛИ ДОКТОРАНТУРЫ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ

5. Докторантура по специальности создается в учреждениях высшего профессионального образования, послевузовского профессионального образования и в научно-исследовательских учреждениях, имеющих соответствующий учебный, научный и кадровый потенциал по направлениям и специальностям, создаваемой докторантуры по специальности.

6. Докторантура по специальности создается по представлению образовательного и научного учреждения по согласованию с учредителем со стороны Министерства образования и науки Республики Таджикистан.

7. Образец государственного диплома доктора философии (PhD), доктора по специальности утверждается Правительством Республики Таджикистан, технические требования к нему) (порядок) оформление, (нострификация) и порядок его выдачи определяется Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан.

8. Целью создания докторантуры по специальности является:

- организация на основе интеграции образования и науки эффективной системы подготовки научных и научно-педагогических кадров высшей квалификации в соответствии с мировыми стандартами, а также своевременное решение вопросов её научного, методического, правового, финансово-экономического, кадрового и материально-технического обеспечения;

- реализация образовательного процесса в соответствии с принципами международной практики подготовки научно-педагогических кадров высшей квалификации, конкурентоспособных на рынке труда. С этой целью докторанты по специальности проходят курс теоретического обучения и самостоятельно осуществляют научное исследование, характеризующееся актуальностью, новизной и практической значимостью.

9. Результаты исследования оформляются в виде докторской диссертации по специальности, защита которой проходит в установленном порядке.

## 3. ЗАДАЧИ ДОКТОРАНТУРЫ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ

10. Задачи докторантуры по специальности следующие:

- подготовка отечественных докторов по специальности,

конкурентоспособных внутри страны и на международном рынке труда;

- интеграция национальных программ докторантуры по специальности с мировым образовательным пространством;

- внедрение в образовательный процесс современных и актуальных технологий, методов и средств обучения, направленных на индивидуальное развитие личности, его способности к саморазвитию, самоопределению и самообразованию;

- непрерывное обеспечение учебных программ структуры многоуровневого высшего и послевузовского профессионального образования.

11. Образовательные программы докторантуры по специальности разрабатываются самостоятельно образовательными и научными учреждениями, и утверждаются Министерством образования и науки Республики Таджикистан.

12. Образовательные программы докторантуры по специальности, реализуемые образовательными и научными учреждениями Республики Таджикистан, в части профессиональной подготовки должны соответствовать аккредитованным докторским программам ведущих зарубежных образовательных и научных учреждений по аналогичным специальностям.

13. Количество обучающихся (докторантов) в докторантуре по специальности по направлениям и специальностям образовательного и научного учреждения указывается в приложении к лицензии.

14. В образовательных или научных учреждениях, реализующих программы докторантуры по специальности, соотношение штатных преподавателей, имеющих ученую степень и звание, должно соответствовать требованиям Государственного стандарта докторантуры по специальности.

15. Образовательные или научные учреждения, реализующие программы докторантуры по специальности, для освоения составляющих частей образовательных программ докторантуры по специальности или проведения исследований должны обеспечить докторантам по специальности образовательные и (или) исследовательские стажировки в зарубежные (или во внешние – другие образовательные или и научные учреждения страны) образовательные и научные учреждения на срок от одного до шести месяцев.

## 4. ПОРЯДОК ПРИЕМА

16. Прием в докторантуру по специальности осуществляется по приоритетным направлениям научного исследования, в том числе инновационным научным исследованиям, утвержденным Министерством образования и науки Республики Таджикистан для учреждений высшего профессионального образования и научных учреждений республики.

17. В докторантуру по специальности принимаются:

- лица, имеющие академическую степень "магистр";
- лица, окончившие резидентуру и клиническую ординатуру (для клинических медицинских специальностей).

18. Претенденты, поступающие в докторантуру по специальности, должны владеть одним из иностранных языков (русский, английский, немецкий, французский, китайский и другие), достаточных для его специальности, и сдавать вступительные экзамены по ним.

19. Порядок приема в докторантуру по специальности осуществляется в соответствии с Типовыми правилами приема в докторантуру по специальности, утвержденными Министерством образования и науки Республики Таджикистан.

20. План приема в докторантуру по специальности за счет государственного бюджета в соответствии с действующим законодательством, с учетом потребностей национальной экономики по согласованию с Правительством Республики Таджикистан определяется и устанавливается Министерством образования и науки Республики Таджикистан и Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан. Докторантура по специальности также осуществляется на договорной основе, план приема которой определяет Министерство образования и науки Республики Таджикистан в зависимости от материально-технической базы и кадрового потенциала учебных и научных учреждений.

21. Образовательное и научное учреждение с целью определения прав и обязанностей сторон в процессе обучения заключают договор с докторантом, независимо от форм его учебы.

## 5. СТРУКТУРА ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ПРОГРАММ ДОКТОРАНТУРЫ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ И ПОРЯДОК ПОДГОТОВКИ ДОКТОРОВ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ

22. Структура образовательных программ докторантуры по специальности состоит из двух равнозначных частей - учебной и научной, и формируется из различных видов учебной и научно-исследовательской работы, определяющих содержание образовательной программы и отражающих их соотношение, измерение и учет.

23. Учет трудоемкости учебной работы осуществляется по объему освоенного материала и измеряется в кредитах. При этом действует накопительная кредитная система, кредиты учитывающая ранее освоенные на предыдущих ступенях образования.

24. Учебный год состоит из академических периодов, периода итогового контроля, практики и каникул. При необходимости для удовлетворения потребностей докторантов по специальности допускается введение летнего семестра продолжительностью до 8-ми недель.

25. Объем учебной работы определяется перечнем изучаемых дисциплин. При этом дисциплина оценивается объемом, как правило, равным кратному числу кредита (5,6,7 и т.д.).

26. При освоении образовательной программы докторантуры по специальности каждый академический час аудиторной работы обучающихся должен дополняться следующими часами самостоятельной работы:

- по теоретическому обучению-4 часа самостоятельной работы;
- по исследовательской работе-8 часов самостоятельной работы.

27. Докторантам по специальности ежегодно предоставляются двухмесячные каникулы.

28. Докторантам по специальности выдается стипендия, размер, которой равна стипендии установленной для аспирантов.

29. Обучение по образовательным программам докторантуры по специальности в рамках научных специальностей осуществляется в виде очной и дистанционной форм.

30. Нормативная продолжительность освоения образовательной программы докторантуры по специальности на базе высшего образования магистратуры и ординатуры (резидентуры) составляет не менее трех лет.

31. Срок обучения в докторантуре по специальности может быть

продлён на основании соответствующего заключения врачебно-консультационной комиссии (справка Врачебно-консультационной комиссии или листа временной нетрудоспособности):

- до 4-х месяцев - приказом руководителя образовательного и научного учреждения;

- свыше 4-х месяцев - на основании решения коллегии Министерства образования и науки Республики Таджикистан.

32. Срок обучения в докторантуре по специальности засчитывается в стаж научно-педагогической работы.

33. Подготовка доктора философии (PhD), доктора по специальности в докторантуре по специальности осуществляется по научным специальностям, устанавливаемым Типовым классификатором направлений и специальностей докторантуры по специальности (приложение к данному Положению).

34. В целях обеспечения академической мобильности и эквивалентности дипломов докторантам по специальности предоставляется возможность освоения кредитов в других аккредитованных образовательных и научных учреждениях, в том числе за рубежом, правила которого определяются Министерством образования и науки Республики Таджикистан.

35. Основными критериями завершения образовательной программы докторантуры по специальности являются выполнение докторантами по специальности всех видов учебно-исследовательских работ и защита докторской диссертации по специальности в объеме не менее 180 кредитов.

## 6. ТРЕБОВАНИЯ К СОДЕРЖАНИЮ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ПРОГРАММ ДОКТОРАНТУРЫ ПО СПЕЦИАЛНОСТИ

36. Образовательные программы докторантуры по специальности содержат следующие виды учебно-исследовательской работы:

- теоретическое обучение (обучение базовым и профильным дисциплинам);

- практика;

- научно-исследовательская работа (выполнение докторской диссертации по специальности);

-промежуточная, квалификационная и итоговая государственная аттестация.

37. Учебный компонент образовательной программы

докторантуры по специальности составляет перечень изучаемых дисциплин, который состоит из обязательного компонента и компонента по выбору, формируемых в соответствии с направлением специальности подготовки докторанта по специальности.

38. Минимальные объемы кредитов дисциплин обязательного и выборного компонентов устанавливаются в соответствии с государственным стандартом образования.

39. Перечень дисциплин устанавливается образовательным, или научным учреждением самостоятельно в соответствии с потребностями рынка труда.

40. Дисциплины по выбору выбираются докторантом по специальности самостоятельно согласно перечню дисциплин по выбору и могут изучаться им в любой академический период.

